*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№5 (12438)
1 феврали
соли 2024

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



## Барои ободии Ватани азизамон ҳама масъулем

***Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024***

*25.01.2024, шаҳри Душанбе*

**Муҳтарам аъзои Ҳукумат!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар Паёми навбатии Президенти мамлакат нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон, инчунин, дастовардҳу пешравиҳои дар ҳафт соли охир ноилшудаи кишвар, бахусус, дар соли 2023 баён гардида, самтҳои асосии пешрафти минбаъдаи давлат ва ҷомеа муайян карда шуданд, ки барои соли 2024 ва солҳои минбаъда вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки тамоми саъю кӯшиши худро барои иҷрои дастуру супоришҳои дар Паёми Роҳбари давлат додашуда равона созанд.

Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, вазифадор аст, ки якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи супоришҳои қаблӣ тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди кишварро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намояд.

Зарур аст, ки дар соли ҷорӣ ба масъалаҳои пешгирӣ карданi таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда ва ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат, суръат бахшидани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин самт ба шумор меравад.

Илова бар ин, Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки корро дар самти боз ҳам такмил додани низоми идоракунии давлатӣ, ихтисори воҳидҳои сохтории зиёдатӣ ва бартараф намудани такроршавии вазифаҳо, пурра ба таври электронӣ ва фосилавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатӣ ба ҷомеа ва соҳибкорон пурзӯр намояд.

Дар ин раванд, ба истифодаи механизмҳои арзёбӣ кардани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба ташкили «ҳукумати электронӣ» ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ зарур аст, ки то охири соли 2024 ҷиҳати омода намудани заминаи моддиву техникӣ, кадрӣ ва тавассути ташаккули низоми ягонаи ҳамгиройӣ пурра амалӣ намудани табодули маълумот тамоми чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор менамоям, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда гузариши пурра ба иқтисоди рақамиро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин намоянд.

Назорати иҷрои супориши мазкур ба зиммаи муовини якуми Сарвазир Холиқзода Ҳоким вогузор карда мешавад.

Соли 2023 ҷиҳати иҷрои нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронии Ҳукумат ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ 11 миллиард сомонӣ маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзноки шарикони рушд ҷалб карда шуданд.

Бо вуҷуди ин, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо ҷиҳати зиёд кардани ҷалби маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Ҳарчанд ки дар соли 2023 фаровонии бозори истеъмолӣ ва муътадилии нархҳо таъмин гардид, вале бо дарназардошти тамоюлҳои манфии иқтисоди ҷаҳон ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим ҳифзи амнияти озуқаворӣ минбаъд низ ҳамчун вазифаи басо муҳим боқӣ мемонад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон камбориш у хушк омадани тирамоҳу зимистони имсола моро водор месозад, ки истифодаи самараноки тамоми имкониятҳу воситаҳоро таъмин намоем.

*(Давомаш дар саҳ. 2-5)*

## Сада оғози эҳёи табиат аст

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада**

**28.01.2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати ҷашни Сада, ки ҳамчун ёдгори бисёр гаронбаҳо аз аҷдоди некномамон ба мо мерос монда, ба шарофати соҳибистиқлолии Ватани азизамон эҳё гардидааст ва ба яке аз ҷашнҳои муҳимми миллии мо табдил ёфтааст, самимона табрик мегӯям.

Ҷашни Сада дар қатори Наврӯзу Тиргон ва Меҳргон аз даврони қадим то рӯзгори мо бо як силсила одобу суннатҳо, расму оинҳо ва донишу таҷрибаҳои кишоварзӣ омада расидааст. Ниёгони ориёитабори мо ҳанӯз беш аз шаш ҳазор сол қабл аз ин ба ҳунармандиву косибӣ, истеҳсоли ашёи зарурии рӯзгор ва корҳои кишоварзиву боғдорӣ машғул будаанд. Онҳо барои ҳар як фасли сол иду маросим ва одатҳои махсус доштаанд, ки ҳама бо табиат, заминдорӣ ва касбу кори гузаштагонамон пайванди мустаҳкам дошта, аз ҷониби хурду бузург таҷлил мегардиданд. Ҷашни Сада яке аз ҳамин оинҳои басо деринаи мардуми мо мебошад.

Дар муҳити зиндагии ориёиёни қадим тақвимҳои мардумӣ шакл гирифта, гузаштагони мо аксари маросиму ҷашнҳоро дар асоси онҳо таҷлил мекардаанд. Ҳамин аст, ки ниёгони мо барои чор фасли сол ойину ҷашнҳои алоҳидаро бунёд гузоштаанд.

Сада моҳиятан тақвими чиллашуморӣ аст, ки то ҳанӯз дар байни мо – тоҷикон роиҷ буда, кишоварзон тибқи он рӯзу моҳу фаслҳоро ҳисоб мекунанд ва дар корҳои деҳқонии худ истифода мебаранд. Мувофиқи тақвими чиллашуморӣ аз 22-юми декабр чиллаи калон шурӯъ мешавад ва шаби даромадани чилларо ниёгони мо бо номҳои «Шаби чилла» ва «Шаби ялдо» ҷашн мегирифтанд. Баъд аз анҷоми чиллаи калон, ки ба 30 январ рост меояд, ҷашни Садаро баргузор мекарданд. Яъне, ба ҳисоби мардум чиллаи калон давраи авҷи сардиҳо мебошад. Аз ин хотир, дар аввалу охири он шабнишинӣ ва шодию нишот барпо карда, орзуи осоишу оромии рӯзгор ва файзу баракати корҳои кишоварзиро мекарданд.

Сада рамзи пирӯзии гармиву нур бар сардӣ ва торикӣ ба ҳисоб рафта, рамзи асосии он гулхани фурӯзони оташ мебошад. Ин аст, ки яке аз рамзҳои ҷашни Сада аз болои оташ паридану нияти саломативу тандурустиву рӯйсурхӣ кардан мебошад, ки то кунун дар байни мардуми мо чун маросими «аловпарак» маъмул аст.

То фарорасии ҷашни Сада кишоварзон ҷӯйбору заҳкашҳоро ба тартиб дароварда, яхобмонии боғу токзорҳо ва обшӯйкунии заминҳоро анҷом медоданд. Бахусус, дар ин давра тартиби кандани ниҳолҳо барои бунёди боғҳои нав аз ҷониби пирони рӯзгордида, маросими идонаи дарахтбурӣ, шаклдиҳии дарахтони мевадиҳанда ва тоза кардани атрофи дарахтони сояафкан ба амал меомад.

Пас аз таҷлили ҷашни Сада деҳқонон аз фароғати зимистона берун омада, дар андешаи мавсими нави кишоварзӣ ва боғдорӣ мешуданд. Зеро маҳз дар ин айём дар қишри Замин бедорӣ оғоз мегардад, ки замину замону табиатро барои эҳё омода месозад. Яъне, ҷашни Сада паёмовари ҷашни Наврӯзи оламафрӯз, омодагӣ ба ин оини бузурги ориёӣ мебошад ва баъди панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯзи он ҷашни соли нави ориёӣ – Наврӯз фаро мерасад.

Дигар рукни муҳимми Сада ишора ба гардиши замонӣ барои оғози корҳои мавсими нави кишоварзӣ, яъне, омода кардани олоти меҳнат, техникаву

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефон барои тамос: 227-81-55

КАЛОМИ ПЕШВО

## Сада оғози эҳёи табиат аст

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

таҷҳизоти кишоварзӣ ва тухмиҳои беҳтаринро зироатҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар раванди баргузории ҷашни Сада ташкил кардани намоиш ва фурӯши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳандаву сояафкан ва ороишӣ амали бисёр муҳим ба шумор меравад.

Деҳқонону боғдорони мо бояд рӯзҳои таҷлили ин ҷашнро самаранок истифода бурда, ниҳолҳои беҳтарини дарахтону буттаҳо, гулҳо ва тухмиҳои хушсифатро ба харидорон пешкаш намоянд ва барои кабудизоркунии кишвар сахми арзандаи худро гузоранд, ки амалӣ намудани онро мо то соли 2040 ҳадафи худ қарор додаем.

Вобаста ба ин, хотирнишон менамоям, ки бар асари тағйирёбии иқлим, гармшавии ҳарорати замин, инчунин, рӯз ба рӯз шиддат гирифтани вазъи иҷтимоиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза, тораф зиёд шудани аҳолии сайёра ва афзоиши талабот ба озуқаворӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил ёфтааст.

Солҳои охир доим таъкид месозам, ки ҳар як оилаи мамлакат бояд ба муҳлати то ду сол захираи маводи зарурии ғизоӣ дошта бошад. Ин пешниҳод тасодуфӣ набуда, аз таҳлили амиқи вазъи пешгӯйинашавандаи ҷаҳони имрӯза, гусаста шудани занҷираҳои пешини таҳвили молу маҳсулот ва пайваста боло рафтани нархи маҳсулоти озуқаворӣ бармеояд.

Дар шароити бисёр мураккабу бӯҳронии ҷаҳони муосир мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, замину обро самаранокy оқилона истифода барем, ҳарчи бештар маҳсулот истеҳсол кунем ва барои амалисозии ҳадафи стратегии миллиамон – ҳифзи амнияти озуқавории кишвар сахми худро гузорем.

Қобили зикр аст, ки ҷашни Сада бо пешниҳоди Тоҷикистон 6-уми декабри соли 2023 дар иҷлосияи 18-уми Кумитаи ЮНЕСКО, ки дар шаҳри Касанеи кишвари Ботсвана баргузор гардид, ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд. Ин рӯйдоди муҳимми фарҳангӣ боиси ифтихори ҳар як фарди худогоҳу ватандӯсти мамлакат ва гувоҳи равшани инсонмеҳварии ҷашнҳои миллии мо мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мо бояд арзишҳои миллии худро, ки ҷашнҳои миллӣ як ҷузъи муҳимми онҳо мебошанд, ҳифз карда, барои боз ҳам таҳкиму густариш ёфтани онҳо мусоидат намоем. Кинаҳоро аз қалбҳо дур кардан, тозаву озода нигоҳ доштани хонаву кошона, сарсабзу хуррам гардонидани кӯчаву хиёбону гулгаштҳо ва ободу зебо намудани маҳалли зист аз суннатҳои дерини ҷашнҳои миллии мо, аз ҷумла, Сада мебошанд.

Бовар дорам, ки мардуми мо ин анъанаи некро ба хотири тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист ва ободии Ватани маҳбубамон ҳамарӯза ва дар тамоми қаламрави мамлакат ба таври васеъ истифода мекунанд.

Бори дигар кулли мардуми шарифи кишварро ба ифтихори ҷашни бостонии Сада самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як фарди Тоҷикистон тандурустӣ, бахту саодат ва иқболи баланд орзу менамоям.

**Ҷашни Сада муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# Барои ободии Ватани азизамон ҳама масъулем



*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

Яъне, имсол бо истифода аз тамоми имконияту воситаҳо гузаронидани кишти такрории пайваста ба гирифтани 3-4 ҳосил бояд таъмин карда шавад.

Бо мақсади амалисозии фаъолияти босуботи иқтисоди миллӣ, таъмин намудани бозори истеъмолӣ ва коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти воридотӣ вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, Бонки миллӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд мунтазам чораҷӯйӣ намоянд.

Сохтору мақомоти зикршуда вазифадоранд, ки ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда тадбирҳои иловагии пешгирикунанда андешида, муътадилии нархҳоро дар соли ҷорӣ таъмин намоянд.

Соли 2023, бо вуҷуди дар сатҳи 103,5 фоиз иҷро шудани нақшаи даромади буҷети давлатӣ, сифатнокии он аз ҳисоби иҷро нашудани нақшаи андоз аз захираҳои табиӣ дар ҳаҷми 217 миллион сомонӣ таъмин нагардид, ки андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд.

Ҳамзамон бо ин, аз ҳисоби иҷро нашудани нақшаи ҷамъоварии андозҳо аз ҷониби андозсупорандагони азим ба буҷети давлат 170 миллион сомонӣ ворид нашудааст.

Дар ин давра аз ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 17,4 миллион сомонӣ, «Тоҷиктелеком» 12,7 миллион, «Талко Голд» 18,4 миллион сомонӣ, неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» 5,5 миллион сомонӣ, ширкатҳои мобилӣ 192 миллион сомонӣ ва дигар корхонаҳо воридоти андозҳо таъмин нашудааст.

Инчунин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар иҷро нагардидани нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо ташвишовар мебошад.

Нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо дар шаҳри Роғун 20,2 фоиз ва ноҳияи Дарвоз 8,4 фоиз таъмин нагардид, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 38,4 миллион сомонӣ ворид нашуд.

Дар баробари ин, дар 12 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд, 9 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон, аксари шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷрои намудҳои алоҳидаи андоз таъмин нагардидааст, ки аз ин ҳисоб беш аз 200 миллион сомонӣ ба буҷети давлат ворид нашудааст.

Бо вуҷуди супоришҳои такрорӣ доир ба кам намудани бақияпулиҳои андоз ҳаҷми он ба ҳолати аввали соли 2024-ум ба 806 миллион сомонӣ расида, нисбат ба соли гузашта 77,5 миллион сомонӣ ё 10,6 фоиз зиёд гардидааст.

Ҳаҷми бақияпулиҳои андоз дар вилояти Хатлон 166 миллион сомонӣ, вилояти Суғд 59 миллион, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1,5 миллион, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 105 миллион, шаҳри Душанбе 40 миллион ва Раёсати андози андозсупорандагони калон 433 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар робита ба ин, ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки:

– якҷо бо Кумитаи андоз, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳо иҷрои сифатнок ва пурраи қисми даромади буҷетро дар соли 2024 таъмин намояд;

– дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андоз, Ҳадамоти гумрук, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади дарёфти манбаъҳои нави даромад ба буҷет, инчунин, кам кардани бақияпулиҳои андоз ва пешгирӣ намудани пайдоиши бақияпулиҳои нав тадбирҳои муассир андешад;

– барои таъмини саривақтии ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат, махсусан, дар самти пардохти пурраи музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, нафақа, ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо, беҳтар гардонидани хизматрасониҳои тиббӣ чораҳои зарурӣ андешида, нақшаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодиро таъмин намояд;

– дар асоси талаботи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 барномаи миёнамуҳлатро барои солҳои 2024 – 2026 таҳия ва ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Вазорати молия, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади татбиқи пурраи Фармони Президенти мамлакат доир ба пардохти ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва корхонаву муассисаҳои давлатӣ, ки хизматрасониҳои музднокии давлатиро анҷом медиҳанд, низоми баҳисобгирии дохилии воридоти маблағҳо (низоми биллингӣ)-ро татбиқ карда, ҳамгироии онро бо низомҳои зарурии пардохт, инчунин, такмили пурраи инфрасохтори дохилиро таъмин намояд.

Ҳамзамон бо ин, Вазорати молия якҷо бо вазорату идораҳои дигар ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати амалӣ намудани Фармони Президенти мамлакат доир ба баланд бардоштани маош ва нафақаву стипендияҳо дар соли 2024 чораҳои саривақтӣ андешад.

Соли 2023 аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои буҷетӣ ва дигар ташкилотҳо дар самти харочоти мақсаднокии маблағҳои буҷетӣ ба як қатор камбудиҳо роҳ дода шудааст.

Тибқи санҷишҳои Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия доир ба истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ дар соли 2023 зарари молиявӣ дар ҳаҷми 672 миллион сомонӣ ошкор гардидааст, ки хеле ташвишовар мебошад.

Аз ҳаҷми умумии зарари молиявии ошкоргардида 660 миллион сомонӣ, аз ҷумла, ба буҷет 504 миллион сомонӣ барқарор карда шудааст.

Илова бар ин, аз ҷониби мақомоти прокуратура дар соли сипаригардида зарари молиявӣ дар ҳаҷми зиёда аз 461 миллион сомонӣ муайян ва ба буҷети давлат барқарор гардидааст.

Ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ супориш дода мешавад, ки камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро ҳарчи зудтар бартараф карда, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетиро таъмин намоянд.

**Муҳтарам аъзои Ҳукумат!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Гарчанде дар соли 2023 қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ пешниҳодшуда 19 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2022-юм 32 фоиз зиёд шудааст, вале ҳаҷми онҳо нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 15 фоизро ташкил медиҳад, ки ҳоло ҳам кам мебошад.

Дар баробари ин, аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 38 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки қонеъкунанда нест.

Ба ҳолати охири соли 2023 қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкии кишвар 2,2 миллиард сомонӣ ё 12,5 фоизи сандуқи қарзиро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 608 миллион сомонӣ зиёд шудааст.

Аз ин лиҳоз, Бонки миллӣ, бонкҳои давлатии «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк», бонкҳои тиҷоративу саҳҳомӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Беҳтар намудани раванди қарздиҳӣ, дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат бо фоизи нисбатан паст, дастгирии соҳибкории хурду миёна, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ва кам кардани ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзӣ аз ҷумлаи ҳамин тадбирҳо мебошанд.

Дар баробари ин, якҷо бо Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳо дар самти тавсеаи фарогирии молиявӣ дар кишвар, аз ҷумла, рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии онҳо чораҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Тибқи фармони Президенти мамлакат оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ аз 1-уми августи соли 2023 пардохти ҳама намуди андозу пардохтҳо ва хизматрасониҳои давлатӣ бояд ба тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда шавад.

Вале санҷишу таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар ҷараёни татбиқи фармони мазкур аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти

Байни Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Тоҷикистон ва Донишгоҳи омӯзгории Синзяни Чин қарордоди ҳамкорӣ ба имзо расид.

# Барои ободии Ватани азизамон ҳама масъулем

ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то ҳанӯз камбудиҳои зиёде ҷой доранд.

Инчунин, ҳамгироии мубодилаи маълумот оид ба хизматрасониҳои давлатӣ дар байни сохтору мақомот мукаммал ба роҳ монда нашуда, дар низоми бонкӣ дар самти пардохтҳои ғайринақдӣ то ба ҳол ғайр аз «корти миллӣ» истифодаи дигар намуди кортҳо маҳдуд мебошад.

Умуман, соли 2023 ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ дар пардохти молу хизматрасониҳо дар кишвар ҳамагӣ 20 фоизро ташкил додааст, ки қонеъкунанда нест.

Тавре дар Паёми Президенти мамлакат таъкид гардид, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо, инчунин, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар давоми ду сол низоми пардохтҳои ғайринақдиро дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла, дар нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ пурра ҷорӣ карда, ҳамгироии фаъолиятро дар ин самт таъмин намоянд.

Бонки миллӣ якҷо бо вазоратҳои адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ва Хадамоти алоқа ҷиҳати фаъол намудани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ доир ба фароҳамсозии инфрасохтори мукаммали хизматрасониҳои бонкӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешад.

Хадамоти алоқа барои муҳайё намудани интернети баландсуръат ва таъмин кардани талаботи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар самти рушди иқтисоди рақамӣ чораҳои муассирро амалӣ намояд. Назорати иҷрои супоришу вазифаҳои зикршуда ба зиммаи муовини якуми Сарвазир Холиқзода Ҳоким вогузор карда мешавад.

Хотиррасон месозам, ки дар маҷлиси ҷамъбастии соли 2022 доир ба ислоҳи камбудиҳо дар самти амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ супоришҳои мушаххас дода шуда буданд, аммо дар қисме аз онҳо иҷрои саривақтии нақшаи азхудкунии маблағҳо ҳанӯз таъмин нагардидааст.

Соли 2023 дар самти истифодаи мақсадноки маблағи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ низ як қатор камбудиҳо ба назар расиданд.

Дар рафти санҷишҳои аз ҷониби Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ гузаронидашуда зарари молиявӣ дар ҳаҷми 36 миллион сомонӣ ошкор карда шудааст.

Бинобар ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва марказҳои татбиқи лоиҳаҳо супориш дода мешавад, ки амалисозии саривақтии лоиҳаҳоро таъмин намуда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои фаврӣ андешанд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2023 ба кишвар ба маблағи 29,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 4,4 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ 8,2 фоиз ё 2,4 миллиарди сомонии онро сармояи мустақим ташкил дода, нисбат ба соли 2022-юм 64,2 фоиз коҳиш ёфтааст.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки корҳоро дар ин самт тақвият бахшида, ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои судмандро амалӣ намоянд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки гуногунсамтии ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ аз кишварҳои ҷаҳон ва ширкатҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ таъмин карда шавад.

Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати такмили методологияи омор ва низоми қабули сармояи мустақими хориҷӣ, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ, ташаккули низоми таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва рақамикунонии он чораҳои таъхирнопазир андешад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади таъмин намудани рушди соҳаи саноат ва ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар соли 2023 дар қаламрави мамлакат 729 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шудааст.

Бо вуҷуди ин, суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2023-юм 12 фоиз таъмин гардидааст, ки аз нишондиҳандаи мақсаднок 8 банди фоизӣ (20 фоиз) кам аст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз 43 фоиз, Панҷ 25 фоиз, Бохтар 12, Гулистон 7,4, Сангвор 5,9 ва Роғун 4,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Инчунин, дар як қатор шаҳру ноҳияҳо иҷрои супоришҳои додашуда оид ба ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ таъмин нагардидааст.

Соли 2023 дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Кӯҳистони Мастчоҳ, Темурмалик, Ҷалолиддини Балхӣ, Тоҷикобод, Нуробод ва Сангвор ягон корхонаи саноатӣ таъсис дода нашудааст.



Соли гузашта дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли баъзе молҳои саноатӣ коҳиш ёфтааст, ки ташвишовар мебошад. Аз ҷумла, истеҳсоли ангишт 13 фоиз, ҷуроб 32, газвор 4, қолин 10,3, пӯсти коркардшуда 33,5, пойафзол 8,7 ва либоси мактабӣ 5,4 фоиз кам гардидааст.

Соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли либоси мактабӣ нисбат ба соли қаблӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 26 фоиз, вилояти Хатлон 11,6 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 11,7 фоиз коҳиш ёфтааст.

Таъминнокии он аз ҳисоби истеҳсоли худӣ дар кишвар ҳамагӣ 32 фоиз, аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 12, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 15, вилояти Суғд 39 ва вилояти Хатлон 43 фоиз амалӣ гардидааст.

Ҳамчунин, қисми зиёди маҳсулоти саноатие, ки имконияти истеҳсоли пурраи онҳо дар кишвар вуҷуд дорад, то ҳол аз хориҷи кишвар дар ҳаҷми калон ворид карда мешавад, ки аз ҷониби масъулин иҷро нашудани супоришҳои қаблан дар ин самт додашударо нишон медиҳад.

Дар соли 2023 ба кишвар равған – 106 ҳазор тонна ба маблағи 980 миллион сомонӣ, нуриҳои минералӣ – 176 ҳазор тонна ба маблағи 650 миллион, маводи шустушӯӣ – 38 ҳазор тонна ба маблағи 550 миллион, уребча (подгузник) – 12 ҳазор тонна ба маблағи 352 миллион, пойафзол – 6 ҳазор тонна ба маблағи 170 миллион ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ – 29 ҳазор тонна ба маблағи 550 миллион сомонӣ ворид карда шудааст.

Ҳамчунин, шоколад – 11,8 ҳазор тонна ба маблағи 460 миллион, маҳсулоти қаннодӣ – 21,2 ҳазор тонна ба маблағи 400 миллион (истеҳсоли худӣ 27,6 ҳазор тонна), макарон – 11,3 ҳазор тонна ба маблағи 250 миллион, консерваи меваю сабзавот – 10,5 ҳазор тонна ба маблағи 170 миллион, консерваи гӯштӣ – 4 ҳазор тонна ба маблағи 130 миллион, моҳӣ – 7,2 ҳазор тонна ба маблағи 160 миллион, маҳсулоти ҳасибӣ – 3,3 ҳазор тонна ба маблағи 110 миллион ва гӯшти мурғ – 2,8 ҳазор тонна ба маблағи 90 миллион сомонӣ воридот шудааст.

Махсус таъкид менамоям, ки соли гузашта дар кишвар 550 корхонаи саноатӣ умуман фаъолият накардааст.

Аз ҷумла, дар вилояти Хатлон 151, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 132, шаҳри Душанбе 126, вилояти Суғд 123 ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 18 корхонаи саноатӣ аз фаъолият бозмондааст.

Таъкид менамоям, ки агар барои ислоҳи чунин вазъият чораҳои фаврӣ андешида нашаванд, барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар монеаи ҷиддӣ пеш меояд.

Вобаста ба ин, муовини Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки:

– ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар тавассути ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистода ва пешгирӣ кардани раванди аз фаъолият бозмондани корхонаҳои саноатӣ, афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатноки ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда чораҳои муассир андешанд;

– дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон ҷиҳати зиёд намудани шумораи корхонаву коргоҳҳои хурди истеҳсолӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бахусус, дар самти коркарди меваю сабзавот тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намоянд;

– фаъолияти муназзами корхонаҳои саноатӣ ва бо дарназардошти талаботи бозори дохилӣ ба роҳ мондани истеҳсоли либоси мактабиро таъмин созанд;

– якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва корхонаҳои соҳа барои пурра ба роҳ мондани коркарди пилла ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маҳсулоти бофандагӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд;

– дар ҳамкорӣ бо корхонаҳои соҳа ҷиҳати зиёд намудани иқтидори истеҳсолии соҳаи мебелсозӣ бо ворид намудани технологияҳои муосир ва таъсиси корхонаҳои нав чораҷӯӣ намоянд;

– якҷо бо корхонаҳои соҳа коркарди пӯст, истеҳсоли пойафзол ва дигар намудҳои маҳсулоти чармиро тақвият диҳанд;

- бо мақсади ба роҳ мондани коркарди пурраи маъдан дар дохили кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда ҳамкориро бо сармоягузорон дар самти роҳандозии иқтидорҳои нави коркарди маъдан тақвият дода, ҷиҳати таъмин намудани уҳдадориҳои вогузоршуда оид ба коркарди пурраи маъдани истихроҷшаванда дар дохили мамлакат чораҷӯӣ намоянд;

– бо дарназардошти ба тартиб даровардани усулҳои идоракунӣ ва васеъ намудани таҷрибаи пайванди истеҳсолот бо илм дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор стандарти таъминоти кадриро ҷиҳати рушди саноат таҳия ва пешниҳод намоянд;

– бо дарназардошти зарурати навсозии технологияҳо ва таҷҳизоти истеҳсолӣ ҷиҳати таҳия ва пешниҳоди механизми баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокии корхонаҳои саноатӣ тадбирҳои амалӣ андешанд.

Таъкид менамоям, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас дар соҳаи энергетика як қатор камбудиҳо низ ҷой доранд, ки андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро тақозо менамоянд.

Соли 2023 талафоти неруи барқ ба 21,2 фоиз расида, ҷамъоварии маблағи истифодаи он 95,7 фоиз, аз ҷумла, аз аҳолӣ 93,3 фоизро ташкил додааст.

Дар робита ба ин, ба Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҷамъиятҳои саҳҳомии «Барқи Тоҷик» ва «Шабакаҳои тақсимоти барқ» супориш дода мешавад, ки барои татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамчунин, якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ намудани низоми биллингӣ ва баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ ва ҷамъоварии саривақтии маблағи неруи барқро аз аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо таъмин намоянд.

Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, муовини Сарвазир Усмоналӣ Усмонзода, вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа бо мақсади расидан ба ҳадафи стратегии таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ ва пурра бо барқ таъмин кардани мардуми Тоҷикистон дар муҳлатҳои наздиктарин ва бо ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати бунёди иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли неруи барқ тадбирҳои амалӣ андешанд.

Ҳамзамон бо ин, Вазорати энергетика ва захираҳои об бояд:

– ҷиҳати ҷалби маблағҳо барои таҳияи асосноккунии техникиву иқтисодии бунёди хатти интиқоли барқи баландшиддати 500 – киловолтаи «Роғун – Сайхун» ва сохтмони зеристгоҳи барқии 500 – киловолтаи «Сайхун» дар вилояти Суғд чораҳои зарурӣ андешад;

– лоиҳаи стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040-ро таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд;

– лоиҳаи барномаи давлатӣ оид ба таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои давраи то соли 2030-ро таҳия карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созад;

– якҷо бо Вазорати корҳои хориҷӣ корҳоро ҷиҳати соли ҷорӣ дар сатҳи баланд баргузор намудани Конфронси сеюми Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028» дар шаҳри Душанбе тақвият бахшад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати дар соли 2032 ноил гардидан ба ҳадафи пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол намудани неруи барқ ва дар соли 2037 ба «кишвари сабз» табдил додани Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида, корҳоро дар самти татбиқи саривақтиву сифатноки ҳуҷҷатҳои

*Шак надорам; зиндагӣ бар пояи муҳаббат аст.*
*Маҳатма Гандӣ*

«Омӯзгор» №5, 1 феврали соли 2024

# Барои ободии Ватани азизамон ҳама масъулем

банақшагирии стратегии соҳа ҷоннок намояд.

Тавре дар Паёми Роҳбари давлат таъкид гардид, соли 2025 бояд агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун» ба истифода дода шавад.

Вобаста ба ин, ба Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, Шурои нозирони Ҷамъияти саҳҳомии «Неругоҳи барқи обии Роғун», роҳбарону муҳандисони ширкатҳои фармоишгару пудратчӣ ва ҳамаи бунёдкорони неругоҳи «Роғун» зарур аст, ки корҳои сохтмонро суръат бахшанд.

Тибқи нақшаи тасдиқгардида баланд бардоштани сатҳи сарбанд, дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ва бо риояи стандартҳои байналмилалӣ ба истифода додани агрегати навбатӣ вазифаи муҳимтарин дар ин марҳалаи сохтмон мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо вуҷуди он, ки соли 2023 соҳаи кишоварзӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид, вале имкониятҳои мавҷуда ҳоло ҳам ба таври зарурӣ истифода нашудаанд.

Аз ҷумла, дар соли 2023 истеҳсоли пахта нисбат ба соли 2022-юм 15 фоиз, гандум 8, ангур 39 ва пилла 43 фоиз кам гардидааст. Соли сипаришуда дурнамои кишти пахта 12 фоиз ва картошка 23 фоиз таъмин нагардидааст.

Вобаста ба ин, ба Вазорати кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва омодагии ҳамаҷониба ба мавсими кишти баҳорӣ, хусусан, дар самти истифодаи самаранокии ҳар як ваҷаб замин чораҳои саривақтӣ андешанд.

Бо дарназардошти вазъи камборишию хушкии имсола яхобмонии саривақтӣ, ниҳолшинонӣ ва иҷрои дигар корҳои мавсимиро таъмин намоянд.

Вазорати кишоварзӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо дарназардошти боду ҳавои номусоиди тирамоҳу зимистони соли ҷорӣ ҷиҳати омода намудани пойгоҳҳои обкашӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамчунин, ба масъалаҳои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, риояи қоидаҳои агротехникӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва гирифтани 3 – 4 ҳосил аз заминҳои корами обӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Вазорати кишоварзӣ ва Академияи илмҳои кишоварзӣ, ҳамчунин, доир ба таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии баландсифати зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла, тухмии зироатҳои ғалладонагии репродуксияи баланд, инчунин, тухмиҳои ба иқлим мутобиқшуда ва парвариши навъҳои минтақабобгардидаи зироатҳои кишоварзӣ тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Вазорати кишоварзӣ якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ ҷиҳати роҳандозии методологияи муосири ҳисоби арзиши аслии истеҳсоли пахта ва бо дарназардошти вазъи воқеии кишвар муайян кардани нархи фурӯши он чораҷӯӣ намояд.

Соли 2023 коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар гармхонаҳо низ мушоҳида гардид. Истеҳсоли сабзавот дар гармхонаҳо 2218 тоннаро ташкил дода, нисбат ба соли 2022-юм 23,6 фоиз, аз ҷумла, помидор 14 ва бодиринг 36 фоиз коҳиш ёфт.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҳамкориро бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати бунёди гармхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои каммасраф ва агротехникаи муосири парвариши зироатҳо густариш бахшанд.

Илова бар ин, бо мақсади афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Вазорати кишоварзӣ дар баробари истеҳсоли карбамид ва суперфосфат ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли дигар намудҳои нурии минералӣ, аз ҷумла, нуриҳои калийдор ва фосфорӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Назорати иҷрои супоришу вазифаҳои зикршуда доир ба таъмин намудани фаъолияти устувори соҳаи кишоварзӣ ба зиммаи муовини Сарвазир Зиёзода Сулаймон вогузор карда мешавад.



**Ҳозирини гиромӣ!**

Соли 2023 ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон ба зиёда аз 90 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳаҷми содироти молу маҳсулот 25 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022-юм 14,3 фоиз зиёд мебошад. Соли 2023 истеҳсол ва содироти маҳсулоти нимтайёр афзоиш ёфтааст, вале ин барои расидан ба ҳадафу афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати мамлакат кофӣ нест.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 47 фоизи нишондиҳандаи содироти молҳо аз ҳисоби металлҳои қиматбаҳо ва 15,5 фоиз аз ҳисоби маъдану консентратҳо ташаккул ёфтааст.

Ҳанӯз ҳам қисми зиёди нахи пахта ва маъдану консентратҳо бе коркарди ниҳоӣ содирот шуда истодааст. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ 286 ҳазор тоннаро ташкил кардааст, аммо бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда ҳоло ҳам нокифоя мебошад. Дар баробари ин, соли 2023 содироти сабзавот ва полезиҳо нисбат ба соли пешин 15,5 ҳазор тонна, аз ҷумла, пиёз 7 ҳазор, сабзӣ 5,6 ҳазор ва карам 2,6 ҳазор тонна кам гардидааст. Содироти ин намуди маҳсулот аз вилояти Суғд 9,2 ҳазор тонна, вилояти Хатлон 3,6 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,7 ҳазор тонна кам шудааст. Ҳол он ки иқтидори кишвар барои содироти меваю сабзавот, бахусус, пиёзи барвақтӣ ниҳоят зиёд аст.

Бинобар ин, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия, Агентии содирот ва вазорату идораҳои дигар, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои таъмин намудани рақобатнокии маҳсулоти асосии содиротӣ дар бозори ҷаҳонӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин, дар доираи Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021 – 2025 чараёни корҳоро ҷиҳати дарёфти бозорҳои нави фурӯш, ташкили истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ, муаррифии молу маҳсулоти ватанӣ дар хориҷи кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоид барои содироткунандагон вусъат бахшанд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот лоиҳаи Барномаи тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025 – 2029-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Имрӯз тиҷорати электронӣ тақрибан 22 фоизи маҷмуи савдои ҷаҳониро ташкил медиҳад ва тибқи таҳлилҳои коршиносон то соли 2040 ин нишондиҳанда то 95 фоиз афзоиш меёбад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 33,4 фоиз, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба 39,8 ва олии касбӣ ба 40,3 фоиз баробар аст.

Нишондиҳандаҳои зикршуда ба талаботи меъёрҳои муайяншудаи байналмилалӣ ҷавобгӯй нестанд. Зеро тибқи стандартҳо агар нишондиҳандаи сифати таҳсилот то 50 фоизро ташкил диҳад, ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад.

Дар чунин ҳолат омода кардани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯй ба талаботи имрӯза бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ, инчунин, тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмиву педагогӣ ғайриимкон мебошад. Чунин вазъият аз роҳбарону масъулини соҳа андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро талаб менамояд.

Аз ин лиҳоз, Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва вазорату идораҳои марбута бояд фаъолиятро дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот ҷоннок намуда, доир ба мунтазам гузаронидани мониторинги сифати таълим чораҷӯӣ намоянд.

Нашри китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии босифат барои тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ масъалаи ҳалталаби соҳаи маориф мебошад.

Таҳлили вазъи афзоиши шумораи хонандагон, низоми маблағгузории нашри китобҳои дарсӣ ва истифодаи маблағҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки дар оянда хавфи ҷиддии норасоии китобҳои дарсӣ вуҷуд дорад.

Масъалаи сатҳу сифати китобҳои дарсӣ ва бознигарии мазмуну муҳтавои онҳо, аз ҷумла, инъикоси ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамонро ман борҳо таъкид карда будам. Вале ин масъала то ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки бо дарназардошти раванди азнавсозии мазмуни таҳсилот, аз ҷумла, гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим дар заминаи хусусияту арзишҳои миллӣ, мувофиқ ба талаботи замони муосир ва пешрафту дастовардҳои илму техника ҷиҳати таҳия ва нашри китобҳои босифати дарсӣ ва маводи таълимӣ чораҳои таъхирнопазир андешад.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати бознигарӣ намудани барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, бо дарназардошти принсипҳои асосии муносибати босалоҳият ба таълим, бояд тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Саломатии аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон яке аз омилҳои муҳимтарини рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди пешравиҳои муайян, дар соҳа ҳанӯз мушкилоту масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд, ки як қатор бемориҳои хусусияти махсусдошта аз ҷумлаи онҳост. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи беморони диабети қанд рӯ ба афзоиш буда, дар соли 2023-юм 10 ҳазору 674 нафар бори аввал ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 6950 нафар ё 65 фоиз зиёд мебошад.

Имрӯз дар кишвар шумораи беморони диабети қанд қариб ба 65 ҳазор нафар расида, фавт аз ин беморӣ дар соли 2023 ба 787 нафар баробар гардидааст.

Бинобар ин, муовини Сарвазир Сатториён Матлубахон, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Абдуллозода Ҷамолиддин дар самти дарёфт намудани маблағҳои мақсаднок барои бо инсулин пурра таъмин намудани беморони гирифтори диабети қанд ва тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим барои пешгирии пайдоиши ин намуди бемори чораҳои фаврӣ андешанд.

Тибқи маълумот соли 2023-юм 1100 ҳодисаи нави сирояти вируси норасоии масунияти одам дарёфт ва ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 63 ҳодиса зиёд мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар мамлакат зиёда аз 16 ҳазор ҳодисаи сирояти ба ин вирус ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла, бо сабаби бемории норасоии масуният, бемории сил ва ғайра 4433 нафар ё 27,5 фоизи беморон фавтидаанд.

Вобаста ба ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки дар самти дарёфти ҳодисаҳои нави сироят ба ин вирус, харидории тестҳои фаврӣ, аз ташхис гузаронидани шахсони никоҳшаванда, инчунин, дарёфти маблағҳои мақсаднок барои бо доруҳои зидди сил пурра таъмин намудани беморони гирифтори сил чораҳои амалиро роҳандозӣ намояд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки сатҳу сифати омодасозии мутахассисон дар коллеҷҳои тиббӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй нест.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷараёни таълим ва омодасозии мутахассисон дар коллеҷҳои тиббиро зери назорати қатъӣ қарор дода, донишу малакаи касбии хатмкунандагони онҳоро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд.

Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад. Тибқи маълумот соли 2023 дар кишвар беш аз 230 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Аз ин шумора ҷойҳои кории доимӣ ҳамагӣ 79 ҳазор ё 34 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумот аз ҳисоби

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат 8 ихтисоси нав ташкил намуд.**

*Гуфтаро кардан неруи ирода мехоҳад.*
*Александр Гертсен*



# Барои ободии Ватани азизамон ҳама масъулем

корҳонаҳои саноатии навтаъсис 4,8 ҳазор ва умуман дар саноат 20 ҳазор ҷойи кории нав, иловагӣ ва баркароршуда таъсис ёфтааст.

Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи ҷойҳои нав, иловагӣ ва барқароршудаи корӣ дар соҳаи саноат нисбат ба соли 2022 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4 фоиз, вилояти Хатлон 2,1 фоиз, вилояти Суғд 27 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 0,4 фоиз кам гардидааст.

Танҳо дар шаҳри Душанбе рушди нишондиҳандаи мазкур 174 фоиз таъмин шудааст. Яъне, ҳолати зикршуда нишон медиҳад, ки раванди муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ дар аксари минтақаҳои мамлакат ба талабот ва имкониятҳои мавҷуда мутобиқ нест.

Инчунин, корҳо аз ҷониби сохтору мақомоти масъул дар самти рушди ҳунармандию косибӣ ҳамчун самти муҳимми бо шуғл таъмин намудани мардум дар маҳалҳо беҳбудии ҷиддиро тақозо дорад. Дар кишвар шумораи ҳунармандон ҳамагӣ 8041 нафар, аз ҷумла, онҳое, ки бо косибӣ машғуланд, 3216 нафарро ташкил медиҳад, ки хеле ва хеле кам аст.

Дар вилояти Хатлон шумораи ҳунармандон 3330, аз ҷумла, косибон 1332 нафар, дар вилояти Суғд мутаносибан 2647 ва 1056 нафар, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1393 ва 557 нафар, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 556 ва 222 нафарро ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ камбудиву монеаҳои дар ин самт мавҷударо ҳарчи зудтар бартараф созанд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати ҳалли саривақтии масъалаҳои рушди соҳибкориву сармоягузорӣ, ҳунармандиву косибӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Ду сол пеш ман дар бораи тахти сарпарастии аъзои Ҳукумат ва роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ қарор додани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ ва таъмиру таҷдиди онҳо супориш дода будам.

Ҳоло муовини Сарвазир – сарпарасти соҳа, Дастгоҳи иҷроияи Президент, ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Раҳмонзода Абдулло ва раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Раҳимӣ Фарҳодро вазифадор месозам, ки иҷрои супориши зикршударо баррасии ҷиддӣ ва назорат намоянд.

**Мӯҳтарам аъзои Ҳукумат ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳоло зарур мешуморам, ки андешаҳои худро доир ба вазъи қонуният ва тартибот, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла, ҷиноятҳои терроризму экстремизм, коррупсия, ҳолати мафкуравии ҷомеа, интизоми молиявӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба таъмини волоияти қонун иброз намоям.

Мувофиқи маълумоти ҷамъбасткардаи Прокуратураи генералӣ соли 2023 дар кишвар зиёда аз 21 300 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,1 фоиз кам буда, кушодашавии онҳо 75 фоизро ташкил додааст.

Аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар давоми сол аз муомилоти ғайриқонунӣ 5 тоннаву 283 килограмм маводи мухаддир, аз ҷумла, 422,5 килограмм (соли 2022-юм 243,5 килограмм) героин мусодира гардидааст.

Тайи соли гузашта танҳо аз ҷониби мақомоти прокуратура 3954 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст, ки аз он 1137 парванда оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта мебошад.

Зарари ба давлат, корхонаҳо ва шаҳрвандон расонидашуда танҳо аз ҷониби мақомоти прокуратура дар ҳаҷми 1 миллиарду 212 миллион сомонӣ (соли 2022-юм 1 миллиарду 146 миллион сомонӣ) барқарор гардидааст.

Инчунин, қариб 18 000 гектар (соли 2022-юм 16032) замин ба ҳолати аввала баргардонида шудааст.

Бояд гуфт, ки то ҳанӯз аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо қабули қарорҳои ғайриқонунӣ оид ба ҷудо ва вобаста намудани қитъаҳои замин идома дорад, соли гузашта 1311 (соли 2022-юм 1233) қарори ғайриқонунии онҳо бо эътирозҳои прокурорӣ бекор карда шудаанд.

Шаҳру ноҳияҳои Ҳамадонӣ 151, Кӯшониён 92, Бобоҷон Ғафуров 70, Ваҳдат 56, Шаҳринав 47, Истаравшан 46, Исфара 43, Восеъ 39, Конибодом 39, Деваштич 36, Турсунзода 34, Ҷаббор Расулов 33, Кӯлоб 33, Мастчоҳ 32, Ҷайҳун 32, Ашт 31, Норак 31, Абдураҳмони Ҷомӣ 31, Хоруғ 30, Файзобод 30, Варзоб 28, Шоҳмансур 26, Хуҷанд 25, Спитамен 25, Ҷалолиддини Балхӣ 25 қарор, дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ аз 3 то 23 қарор бекор карда шудааст.

Дар як қатор шаҳру ноҳияҳо ҳодисаҳои аз ҷониби роҳбарият ва баъзе кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳраку деҳот, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва шахсони алоҳида тақсимоти ғайриодилонаи қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ то ҳанӯз ҷой доранд.

Инчунин, ҳолатҳои сохтакории ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи истифодаи замин, ғайриқонунӣ додан, хариду



фурӯши заминҳо, худсарона ишғол кардани қитъаҳои замин ва дигар қонунвайронкуниҳо ҳоло ҳам аз байн нарафтаанд.

Умуман, дар як соли гузашта нисбат ба 161 нафар шахсони мансабдор, аз ҷумла, 5 корманди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, 4 меъмор, 25 корманди кумитаи идораи замин, 55 нафар корманди корхонаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, 65 нафар раисон ва муҳандис – заминсозони ҷамоатҳо, 7 нафар роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ барои ғайриқонунӣ додани замин, сохтакории ҳуҷҷатҳои заминсозӣ ва каллобӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуда, қариб 18 ҳазор гектар қитъаҳои замини худсарона ишғолгардида ва ғайриқонунӣ додашуда ба ҳолати аввала баргардонида шудаанд.

Инчунин, ғасби беш аз 51 гектар заминҳои соҳаи маориф ошкор гардида, 25 гектари он (Шаҳритус 2,7 гектар, Ҷаббор Расулов 2,6, Бобоҷон Ғафуров 1,9, Истаравшан 1,8, Панҷ 1,8, Восеъ 1,6, Деваштич 1,4, Конибодом 0,90 гектар ва дигар шаҳру ноҳияҳо) ба ҳолати аввала баргардонида, 13 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

**Мӯҳтарам аъзои Ҳукумат!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади истиқболи сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда корҳо дар тамоми гӯшаву канори мамлакат бомаром идома доранд.

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 дар доираи нақшаи чорабиниҳои зикршуда беш аз 11 000 иншоот бунёд гардидааст, ки 39 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо иҷрои нақша дар сатҳи паст қарор дорад. Иҷрои нақша дар шаҳри Ваҳдат 27 фоиз, Тоҷикобод 27 ва Лахш 26 фоизро ташкил медиҳад.

Ба намояндагони ба шаҳру ноҳияҳо вобасташудаи Ҳукумати мамлакат, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бори дигар таъкид менамоям, ки вусъат додани бунёду таҷдиди иншоот ба нақша гирифташуда, сифати корҳои сохтмон, инчунин, ҳолати нигоҳдорӣ ва истифодабарии минбаъдаи онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмон бояд ин масъала, аз ҷумла, риояи санъати баланди меъморӣ, нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, сифати масолеҳи сохтмон ва бунёди иншооти шабакаҳои коммуникатсиониро тибқи меъёрҳои қабулшудаи муосир ҷиддӣ назорат намояд.

Тавре дар Паём таъкид гардид, мо бояд барои наслҳои оянда ниҳол шинонем, боғ бунёд намоем, Ватанамонро пешрафта гардонем ва ба фарзандону набераҳоямон як мулки обод мерос гузорем.

Бинобар ин, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда корҳоро барои амалисозии нақшаи чорабиниҳои соҳавӣ ва маҳаллии худ ва боз ҳам ободу зебо гардонидани шаҳру ноҳияҳо вусъат бахшанд.

Дар ин раванд, ба рушди илму маориф, омодасозии кадрҳои донишманду баландихтисос, бунёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо ҳамин роҳ паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ эътибори доимӣ ва ҷиддӣ дода шавад.

Ҳамзамон бо ин, тибқи супориши дар Паёми Роҳбари давлат додашуда гурӯҳи кории доимӣ фаъолияти худро ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти ташкили инфрасохтори сайёҳӣ ва рушди соҳа, вусъати корҳои ободонӣ, назорати шароити зист ва машғулияти ҳар як оила ҳарчи зудтар оғоз карда, оид ба корҳои иҷрошуда ҳар семоҳа ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот пешниҳод намояд.

Роҳбарони вазорату идораҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳотро вазифадор менамоям, ки дар муҳлати шаш моҳ тозагиву озодагии иншооту биноҳо, ташкилоту муассисаҳо, кӯчаву хиёбонҳоро то манзили истиқоматии ҳар як оила ва то дурдасттарин деҳоти кишвар таъмин намоянд.

Дастгоҳи иҷроияи Президент баъди муҳлати зикршуда иҷрои супоришро ҳамаҷониба санҷида, ба Роҳбари давлат гузориш пешниҳод созад.

Дар сурати ошкор гардидани камбудиҳо доир ба иҷрои супориши мазкур роҳбарони ҳудуди дахлдор бетаъхир аз вазифа озод карда мешаванд.

Вобаста ба ин, зарур мешуморам, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» таҷдиди назар карда, нисбат ба шахсоне, ки дарахту буттаҳоро беасос мебуранд, табиатро харob мекунанд, инчунин, ронандагону мусофироне, ки ба табиат, аз ҷумла, шафати роҳҳо партоб меандозанд, меъёрҳои ҷазои сахт ворид карда шаванд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки аз берун ба шаҳри Душанбе ворид шудани ҳама гуна воситаҳои нақлиёте, ки намуди зоҳирии ифлос дошта, симои пойтахти кишварро коста мегардонанд, воситаҳои нақлиёте, ки газҳои зарарасони ихроҷкунандаашон аз меъёри муқарраргардида зиёд мебошад, инчунин, дар ҳудуди пойтахт ҳаракат кардани мошинҳои боркаше, ки масолеҳу борҳои интиқолшавандаи онҳо бо чодари махсус пӯшида нашудааст, қатъиян манъ карда шавад.

Соли ҷорӣ сафари расмии роҳбарони якчанд давлати хориҷӣ ба Тоҷикистон ва чорабиниҳои байналмилалӣ бо иштироки сарони даҳҳо кишвари ҷаҳон ба нақша гирифта шудааст. Вобаста ба ин, зарур аст, ки ба масъалаи ободу сабзкории пойтахт, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва суръат бахшидани ободкориву созандагии ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат эътибори боз ҳам бештар дода шавад.

Ҳамчунин, ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани мавсими зимистони соли 2024, захираи кофии маводи озуқа, сӯзишворӣ, бехатарӣ аз сӯхтор, омодагӣ ба кишти баҳорӣ, иҷрои нақшаҳои кишт ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Таъкид месозам, ки аъзои Ҳукумат, роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз захираву имкониятҳои мавҷуда барои бартараф кардани камбудиву норасоиҳои дар Маҷлиси имрӯза зикргардида ва супоришу вазифаҳои гузошташуда масъулияти шахсӣ доранд.

Такроран таъкид менамоям, ки соли 2024 барои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҳар лиҳоз, қабл аз ҳама, аз нигоҳи амниятӣ ва таъминот бо маводи ғизоӣ соли мураккабу вазнин мегардад.

Дар чунин шароит ҷиддан беҳтар кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба риояи талаботи қонуни танзим, сарфаю сариштакорӣ ва пешгирӣ намудани зиёдаравию исрофкорӣ вазифаи шумо – роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва умуман тамоми сохтору мақомоти давлатӣ мебошад.

Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем.

Ҳар яки мо бояд тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибистиқлоламон равона созем.

**Саломат бошед!**

*www.president.tj*

**Соли 2023 ба Тоҷикистон 29,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид шудааст.**

# ФАРМОНИ
## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи раиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин намудани Давлатзода С.Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

Давлатзода Сайфиддин Хайриддин раиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, №722**

# ФАРМОНИ
## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин намудани Сафарзода Д.Ҷ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

Сафарзода Даврон Ҷурахон ректори Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, №737**

# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ҚАРОР

**аз 29 январи соли 2024, №24, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» таъин намудани Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» таъин карда шавад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ҚАРОР

**аз 29 январи соли 2024, №25, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таъин намудани Қурбонзода М.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таъин карда шавад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ҚАРОР

**аз 30 январи соли 2024, №33, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов таъин намудани Абдуллозода М.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Абдуллозода Муҳаммадшо Мирзохон ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов таъин карда шавад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ҚАРОР

**аз 30 январи соли 2024, №34, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» таъин намудани Каримзода Ш.Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Каримзода Шуҳрат Бозор директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» таъин карда шавад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ҚАРОР

**аз 30 январи соли 2024, №35, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор» таъин намудани Намоззода Ҷ.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Намоззода Ҷамшед Ашурмад директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор» таъин карда шавад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**СОЗАНДАГӢ**



# Ифтитоҳи бинои нави таҷрибаомӯзӣ

Бо иштироки Раҳим Саидзода – вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мирзо Исмоилзода – раиси шаҳри Ваҳдат ва раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бинои дуошёнаи наву замонавии муҷаҳҳаз бо лавозимоти ҳозиразамони таҷрибаомӯзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Иншооти нав дар дараи Ромит, дар Боғи «Агробиолабораторӣ»-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ қомат афрохта, барои баланд бардоштани корҳои таҷрибаомӯзии саҳроии донишҷӯёни факултетҳои география, биология ва химия пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, Р. Саидзода изҳор дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хеш маорифро самти муҳим медонанду ҳамеша зимни суханрониҳояшон таъкид менамоянд, ки баҳри беҳтар намудани сифати таълиму тарбия бояд беҳтарин шароитро фароҳам орем, то ҷавонони донишманду ватандӯстро тарбият намоем.

Аҳлиддин Ибодуллозода, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар маросими ифтитоҳи бинои наву замонавӣ зикр намуд, ки мақсад аз сохта ба истифода додани бинои муосири таҷрибаомӯзӣ, пеш аз ҳама, татбиқи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат ва ҷалби бештари ҷавонону донишҷӯён ба илмомӯзӣ ва ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи маърифати таҷрибаомӯзии донишҷӯёну мутахассисони оянда кишвар мебошад.

Бинои нави таҷрибаомӯзӣ аз ду ошёна иборат буда, дар асоси дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи тадбирҳои созандагиву бунёдкорӣ барои беҳтар гардидани сатҳу сифати таҷрибаомӯзии саҳроӣ ва донишомӯзии донишҷӯён сохта шудааст.

Даргоҳи нави таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз 60 рахти хоб, 15 синфхона, аз ҷумла, як маҷлисгоҳ, 2 утоқи корӣ, китобхонаву толори барҳавои хониш, ҳуҷраҳои корӣ ва ёрирасон барои омӯзгорону мутахассисони илмҳои биология, химия ва география иборат мебошад.

Толори маҷлисии иншооти тозабунёд дорои 120 ҷойи нишаст буда, барои баргузории ҳамоишу чорабиниҳои таҷрибаомӯзӣ мувофиқ мебошад.

Бинои нав, ҳамчунин, дорои ошхона бо 60 ҷойи нишаст буда, дар оянда баҳри таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва корҳои таҳқиқотӣ-илмии омӯзгорон хидмат хоҳад кард.

**НИШАСТИ МАТБУОТӢ**

# Нуфузи донишгоҳ меафзояд



Дар оғози нишасти матбуотӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ректори донишгоҳ Эмомалӣ Насриддинзода, ки аз сиёсатмадорону олимони варзидаи кишвар буд, ба тозагӣ ба ин вазифа таъйин шудааст, аҳли нишастро ба ифтихори ҷашни Сада ва ғалабаи дастаи футболи Тоҷикистон дар даври ҳаштякфиналии Ҷоми Осиё ба дастаи тавоною ботаҷрибаи Аморати Муттаҳидаи Араб табрик гуфт. Ректор пешниҳод кард, ки ба хотири бештар ҳадафмандонаю фарогир ва судманд ҷараён ёфтани нишасти матбуотӣ он пурра ба тариқи саволу ҷавоб баргузор шавад. Ба ин гуна, намояндагони воситаҳои ахбори омма имкон пайдо карданд, ки ба теъдоди бештари саволҳои худ посух пайдо намоянд. Рӯзноманигорон асосан ба масоили марбут ба сатҳу сифати таълиму тарбия, фаъолияти илмии устодон, такмили шароити таҳсили донишҷӯён, дараҷаи иҷрои нақшаи қабул, аккредитатсияи байналмилалии донишгоҳ, вазъи корҳо дар парки технологӣ, робитаҳои хориҷӣ, роҳандозии таҳсил бо ихтисосҳои нав, ҳолати забономӯзии шогирдон, таъмин бо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, корбасти технологияҳои муосири таҳсилотӣ, иштироки донишҷӯён дар озмунҳои ватанию хориҷӣ… таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Ба саволҳои намояндагони ВАО ректори донишгоҳ ва муовинони ӯ ҷавоб доданд. Зикр гардид, ки соли 2023 барои Донишгоҳи миллӣ хеле хотирмону пурбор ва нишотбахш буд. Дар давоми ин соли бафайз Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба ба донишгоҳ ташриф оварданд. Зимни ташрифи аввал Сарвари кишвар бинои нави литсейи равияи табиию риёзии назди донишгоҳро ифтитоҳ бахшиданд. Дар доираи ташрифи дуюми худ ба донишгоҳ Пешвои миллат дар «Шаҳраки донишҷӯён»-и донишгоҳ Маҷмааи муосири варзиширо мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд ва низ бо лоиҳаи бунёди Маркази саломатӣ, таваққуфгоҳ барои 400 мошин ва бинои истиқоматӣ барои устодону кормандони донишгоҳ шинос шуданд. Соли 2023 75-солагии донишгоҳ дар сатҳи баланд таҷлил гардид. Дар поёни нишасти матбуотӣ ректор иброз дошт, ки минбаъд аҳли донишгоҳ барои сазовор истиқбол гирифтани ҷашни фархундаи миллат – 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод. Ректор аз намояндагони ВАО хоҳиш кард, ки бо донишгоҳ робитаи бештар судманду фаъол дошта бошанд.

***А. МУРОДӢ,***
***Н. ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

**Соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба истифода додани 5 муассисаи таълимӣ бо фарогирии 6400 ҷойи нишаст пешбинӣ гардидааст.**

Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting [ˈɪntrɪstɪŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætər̩deɪ]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeɪm]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [əˈʃeɪmd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [əˈgri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city [ˈsɪtɪ] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen [ˈsɪtɪz(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion [ˈlaɪən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem [ˈpəuɪm]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [glα:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet [ˈpəuɪt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution [ˈkɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pəˈhæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rɪˈspekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krɪˈeɪt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration [ˈdekləˈreɪʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [əˈnaunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:ˈnaɪtɪd]* |
| **Якзайл** | однообразно | *uniformly [junifo:mli]* |
| **Якчанд** | несколько | *several [ˈsev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [təˈgeðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday [ˈsʌndɪ]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [α:mz], weapon [ˈwepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan [ˈɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aɪs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rɪˈfrɪʤəreɪtə], fridge [frɪʤ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream [ˈaɪsˈkri:m]* |





# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ
## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

Душанбе
2022



| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsɪgnətʃə]; to sign [tu saɪn]; to be signed [tu bi: saɪnd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greit]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpɪdʒɪn], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [lα:dʒ]; old [əold]; great [greit]* |
| **Канор, кунҷ** | край, уголь | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n], job [ʤɒb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkɪt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaɪbrerɪ]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfɪs],institution [ˌɪnstɪˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaild], kid [kid] infant [ˈɪnf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hɛlp], assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkɪndəˌgα:d (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterɪt(ə)rɪ]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsɪtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændɪ]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keɪdʒ]* |
| **Қиматбаҳо** | драгоценный | *voluable [vǽljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈkα:pɪt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, қувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpauə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃɪvə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəʊk]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaɪəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдӯзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ɪŋ]* |
| **Лимӯ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lɪp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdɪkʃ(ə)n(ə)rɪ]* |
| **Лӯбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeɪp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]* |

***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои "Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ"-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавку рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми бонанфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raɪt], privilege ['prɪvɪlɪʤ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weiʤ]* |
| **Ҳақиқат** | правда | *truth[truːθ], reality [rɪ'ælɪtɪ]* true *[tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔːl], everyone['evrɪwʌn], everything ['evrɪθɪŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague ['kɔliːg], coworker ['kəu'wɜːkə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəuˌɒpə'reɪʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəu'ɔːdmeɪtə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[tə'geðə], travelling companion ['træv(ə)lɪŋkəm'pænɪən]* |

**Ч**

| | | |
|---|---|---|
| **Чӯб** | палка, древесина | *wood[wud]* |
| **Чӯпон** | пастух | *shepherd ['ʃepəd]* |
| **Чутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Чӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧik]* |

**Ҷ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer ['ɑːnsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler [ˈruːlər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | total [toutl] |
| **Ҷамъият** | общество | *society [sə'saɪətɪ]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔː]* |
| **Ҷануб** | юг | South [sauθ] |
| **Ҷонишин** | заместитель директора | *deputy director ['depjutɪ d(a)ɪ'rektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [sə'pɔːtə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing ['fɔləuɪŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(ː)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rɪˈpʌblɪk]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔːn]* |
| **Ҷумъа** | пятница | Friday ['fraidɪ] |





| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary [ˈsælərɪ], wages [ˈweɪdʒɪz]* |
| **Мардум** | люди | *people [ˈpiːp(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting [ˈmiːtɪŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room [ˈlɪvɪŋ ruːm], hotel [həʊˈtel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour [ˈleibə],work [wɜːk]* |
| **Миллат** | нация, националь-ность | *nation [ˈneɪʃ(ə)n], nationality [næʃəˈnælɪtɪ]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area [ˈeərɪə], region [ˈriːdʒ(ə)n]* |
| **Модаркалон** | бабушка | *grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, вохӯрӣ** | встреча | *meeting [ˈmiːtɪŋ]* |
| **Муошират** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmjuːnɪˈkeɪʃn]* |

**Н**

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild [ˈgræn(d)tʃæɪld]* |
| **Нав** | новый | *new [njuː]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty [ˈdjuːtɪ]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔːlt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praɪs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname [ˈsɜːneɪm]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person [ˈpɜːsn]* |
| **Нашр** | публикация | *publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ kiːp], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sɪt]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [əˈdres]* |
| **Нодуруст** | неправильный | *false [fɔːls], incorrect [ɪnkəˈrekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drɪŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breɪv]* |
| **Намоянда** | представитель | *representative [reprɪˈzentətɪv]* |

**О**

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water [ˈwɔːtə]* |
| **Обу ҳаво** | погода | *weather [ˈweðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔɪz]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [staːt]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person [ˈpɜːsn]* |
| **Одат** | привычка | *custom [ˈkʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy [ˈkɜːrtəsɪ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˈfemənɪn]* |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meik ə fəʊn kɔːl], to call [tu kɔːl] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [hɑːm], damage [ˈdæmɪdʒ], injury [ˈɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.) [ˌmʌltɪplɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow[ˈjeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary [ˈnesəs(ə)rɪ], (necessity [nɪˈsesɪtɪ])* |
| **Зарф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dɪʃ], dishes [dɪʃiz], tableware [ˈteɪb(ə)lweə]; adverb (gram.) [ˈædvɜːb]* |

**И**

| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌriːlækˈseɪʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈlæks];* |
| **Истироҳатгоҳ** | место для отдыха или релаксации | *place to rest or relax [pleis tu rest ɔː rɪˈlæks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [əˈbiːdɪəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]* |
| **Иттилоотӣ** | информаци-онный | *Informational [ˌɪnfərˈmeɪʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspeʃiˈælɪtɪ]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu ˈeksɪkjuːt], to fulfil [tu fʊlˈfɪl], to carry out [tu ˈkærɪəʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, раводид** | разрешение на въезд, виза | *visa [ˈviːzə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt];* |
| **Иҷозат, иҷозат пурсидан** | разрешение, спросить разрешение | *permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tuɑːsk pərˈmɪʃn];* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pliːz]* |

A

| Точикӣ | РУСӢ | АНГЛИСӢ (овонавишт) |
|---|---|---|
| **Адабиёт** | литература | *literature ['lɪt(ə)rəʧə]* |
| **Адад** | число | *number ['nʌmbə]* |
| **Адолат** | справедливость | *justice ['ʤʌstɪs]* |
| **Азиз** | уважаемый | *dear [dɪə], precious ['preʃəs], esteemed [ɪ'sti:md]* |
| **Ақл** | ум, разум | *intelligence [ɪn'telɪʤ(ə)ns], intellect mind ['ɪntɪlekt maɪnd]* |
| **Алов (оташ)** | огонь | *fire ['faɪə]* |
| **Алаф** | трава | *grass [gra:s], herb UK: [hɜ:b], US: [ɝ:b], fodder ['fɔdə]* |
| **Аскар** | солдат | *soldier ['səulʤə]* |
| **Атроф** | вокруг | *around [əˈraʊnd]* |
| **Афсона** | сказка | *fairy-tale ['fe(ə)rɪteɪl], story ['stɔ:rɪ], tale [teɪl]* |
| **Ахбор** | новость | *news [nju:z]* |
| **Ахлоқ** | мораль | *morals ['mɔrəlz]* |
| **Аҳолӣ** | население | *population ['pɔpju'leɪʃ(ə)n]* |
| **Аломат** | знак | *sign [saɪn], mark [ma:k], omen, ['əumən]* |
| **Амният** | безопасность | *security [sɪ'kju(ə)rɪtɪ]* |
| **Анъана** | традиция | *tradition [trəˈdɪʃn]* |

Б

| | | |
|---|---|---|
| **Бад** | плохой | *bad [bæd]* |
| **Бадан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Баён** | выражение мыслей | *expression of thoughts [ɪk'spreʃ(ə)n ɔvθɔ:ts]* |
| **Базм, тӯй** | вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д. | *party [ˈpa:rtɪ], public reception associated with weddings ['pʌblɪk rɪ'sepʃ(ə)n ə'səuʃieɪtid wɪð 'wedɪŋz]* |
| **Байналмилалӣ** | международный | *international ['ɪntə'næʃ(ə)nəl]* |
| **Байнишаҳрӣ** | междугородний | *between cities [bɪ'twi:n 'sɪtɪz]* |
| **Баромадан** | подняться | *to rise [raɪz]* |
| **Баромадгоҳ** | выход | *exit ['egzɪt]* |
| **Барф** | снег | *snow [snəu]* |
| **Бахт** | счастье | *happiness [ˈhæpɪnəs]* |
| **Бахшидан** | простить | *to forgive[tu: fə'gɪv], let off [ˈlet ˈɒf]* |
| **Баҳор** | весна | *spring [sprɪŋ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *['remɪdɪ]* |
| **Духтар** | девочка | *girl[gɜ:l]* |
| **Дуст, рафиқ** | друг, товарищ | *friend[frend]* |

Ё

| | | |
|---|---|---|
| **Ёд гирифтан** | научиться | *to learn [tu lɜ:n]* |
| **Ёдгории меъморӣ** | памятник архитектуры | *a monument of architecture [ˈmɒnjʊm(ə)nt əv 'a:kɪ'tekʧə]* |
| **Ёд доштан, ба ёд омадан** | вспомнить | *to remember [turɪ'membə]* |
| **Ёздаҳ** | одиннадцать | *eleven [ɪ'lev(ə)n]* |
| **Ёрдам** | помощь | *help, [help] assistance [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёридиҳанда** | вспомога-тельный | *auxiliary [ɔ:gˈzɪlɪərɪ]* |
| **Ёрдам кардан** | помогать | *to help [tu help]* |
| **Ёрдамчӣ** | помощник | *assistant[ə'sɪst(ə)nt]* |
| **Ёрии таъҷилӣ** | скорая помощь | *ambulance [ˈæmbjʊl(ə)ns],emergency assistance [ɪ'mɜ:ʤ (ə)nsɪ] [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёсуман** | жасмин | *jasmine [ˈdʒæzmɪn]* |
| **Ёфтан** | найти | *to find [tu faɪnd]* |

Ж

| | | |
|---|---|---|
| **Жола** | град | *hail [heɪl]* |
| **Жола боридан** | выпадение града | *hail fallout [heɪl ˈfɔ:laʊt] it is haliog* |
| **Журнал** | журнал | *magazine [maga'zen] journal['ʤɜ:n(ə)l]* |

З

| | | |
|---|---|---|
| **Забон** | язык | *language, ['læŋgwɪʤ] tongue [tʌŋ]* |
| **Забони давлатӣ** | государственный язык | *state language [steit 'læŋgwɪʤ], official language [ə'fɪʃ(ə)l 'læŋgwɪʤ]* |
| **Задан (зан)** | бить, ударить | *to hit [tu hɪt], to strike [tu straɪk]* |
| **Замин** | земля, вселенная | *soil [sɔɪl], earth [ɜ:θ], ground [graund], land [lænd]* |
| **Замон** | время, период, эпоха | *time [taɪm], period, ['pɪ(ə)rɪəd], epoch [ˈi:pɒk], era [ˈɪrə]* |
| **Замонавӣ** | современный | *modern[mɔdn]* |
| **Зан** | жена, женщина | *wife [waɪf], woman [ˈwʊmən]* |
| **Занона** | по-женски, женский | *female [ˈfi:meɪl], feminine* |





| | | |
|---|---|---|
| **Озмун** | конкурс | *competition [ˌka:mpəˈtɪʃn]* |
| **Озодӣ** | свобода | *freedom [ˈfri:dəm]* |
| **Оила** | семья | *family [ˈfæməlɪ]* |
| **Оина** | зеркало | *mirror [ˈmɪrə]* |
| **Олам** | мир | *world [wɜ:ld]* |
| **Омадан** | приходить | *to come [to kʌm]* |
| **Ошхона** | кухня | *Kitchen [ˈkɪtʃɪn], national café [ˈnæʃ(ə)n(ə)l ˈkæfeɪ]* |
| **Ошно** | друг, приятель | *friend [frend]* |

П

| | | |
|---|---|---|
| **Пагоҳ** | завтра | *tomorrow[tə'mɔrəu]* |
| **Пагоҳирӯзӣ** | утро | *morning ['mɔ:nɪŋ]* |
| **Падар** | отец, папа | *father ['fa:ðə]* |
| **Пазируфтан (пазир)** | принимать, одобрять | *entertain [ˌentərˈteɪn], to receive [tu: rɪ'si:v]* |
| **Панҷа** | пальцы | *fingers ['fɪŋgəz]* |
| **Пахта** | хлопок | *(n) cotton ['kɔtn]* |
| **Пешвоз гирифтан** | встречать | *to meet [ tu: mi:t]* |
| **Пешниҳод кардан** | представление, выдвижение | *suggestion [sə'ʤesʧ(ə)n], proposal [prə'pəuz(ə)l]* |
| **Пешонӣ** | лоб | *forehead ['fɔrɪd]* |
| **Пиёда** | пешком | *on foot [ɔn fut],* walk *[wɔk]* |
| **Пиёз** | лук | *onion ['ʌnjən]* |
| **Писар** | сын, мальчик | *son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Пойафзол** | обувь | *shoes [ʃu:z]* |
| **Пурсамар** | эффективный, плодотворный | *effective [ɪˈfektɪv],fruitful ['fru:tf(ə)l]* |
| **Пӯшидан (пӯш)** | закрыть | *to close [ tu kləus]* |

Р

| | | |
|---|---|---|
| **Равия** | направление, тренд | *direction [dəˈrekʃn], trend [trend]* |
| **Рақам** | номер | *number ['nʌmbə]* |
| **Рақс** | танец | *dance [da:ns]* |
| **Ранг** | цвет, краски | *colour ['kʌlə]* |
| **Расм** | картина | *picture ['pɪkʧə]* |
| **Рафтан (рав)** | идти, иди | *to go [ tu: gəu]* |
| **Рафтор** | поведение | *behaviour [bɪ'heɪvɪə]* |
| **Рафтуомад** | посещение, поездка | *visit [ˈvɪzɪt]* |
| **Раҳнамо** | руководство | *guide [gaɪd]* |
| **Роҳбар** | лидер, начальник | *leader ['li:də]* |
| **Рухсатӣ** | отпуск | *holiday ['hɔlɪdɪ],Vacation* |





| | | |
|---|---|---|
| **Феъл** | глагол | *verb [vɜ:b]* |
| **Фикр** | мысль, мнение | *think ['θɪŋk], opinion [ə'pɪnjən]* |
| **Фурудгоҳ** | аэропорт | *airport ['eəpɔ:t]* |
| **Фурӯш** | продажа | *sale [seɪl]* |
| **Фурӯшгоҳ** | магазин | *department store[dɪ'pa:tmənt stɔ:],* shop *[ʃɔp]* |
| **Фурӯхтан** | продавать | *to sell[ tu sel]* |

Х

| | | |
|---|---|---|
| **Хабар** | весть, новость | *information['ɪnfə'meɪʃ(ə)n], news [nju:z]* |
| **Халқ** | народ | *people['pi:p(ə)l]* |
| **Харидан** | купить | *to buy [ tu:baɪ]* |
| **Харита** | карта | *map[mæp]* |
| **Хатм** | окончание | *graduation ['grædʒu'eɪʃ(ə)n]* |
| **Хатм кардан** | окончить | *to graduate [tu ˈgrædʒʊeɪt]* |
| **Хестан** | вставать, подниматься | *to get up [ tu get ʌp], to stand up[ tustænd ʌp]* |
| **Хизмат** | служба, услуга | *service ['sɜ:vɪs]* |
| **Хоб** | сон | *dream [dri:m] sleep[sli:p]* |
| **Хомӯш** | тихий | *silent['saɪlənt]* |
| **Хона** | дом | *house[haus], home [həum], apartment [ə'pa:tmənt], room [ru(:)m]* |
| **Хондан (хон)** | читать, учиться, молиться | *to read[ tu: ri:d], to study [ tu: ['stʌdɪ]; to pray [ tu:preɪ]* |
| **Хотира** | память | *memory ['mem(ə)rɪ]* |
| **Хоҳар** | сестра | *sister ['sɪstə]* |
| **Хунук** | холод | *cold [kəuld]* |
| **Хуш омадед** | добро пожаловать | *welcome ['welkəm]* |

Ҳ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳавз** | пруд, водоём, бассейн | *pond [ pɔnd],pool [pu:l], swimming pool['swɪmɪŋpu:l]* |
| **Ҳавлӣ** | двор | *house[haus], garden [ga:dn], yard[ja:d]* |
| **Ҳаво** | погода, воздух | *weather['weðə], air[eə]* |
| **Ҳавопаймо** | самолёт | *aeroplane ['e(ə)rəpleɪn]* |
| **Ҳайвон** | животное | *animal ['ænɪm(ə)l]* |
| **Ҳайкал** | памятник, статуя | *monument [ˈma:njʊmənt], statue['stæʧu:]* |
| **Ҳайрат** | недоумение, удивление, изумление | *Perplexity [pə'pleksɪtɪ]; amazement [ə'meɪzmənt], astonishment [ə'stɔnɪʃmənt], surprise [sə'praɪz]* |

МУШОВАРА

# Баррасии масоили муҳим



29 январи соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илм ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он аъзои ҳайати мушовара, муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода, муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода, муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхолиқзода, муовини вазири маориф ва илм Дилшод Сафарзода, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва раёсати маорифи вилояти Суғд ва дигар кормандони соҳаи маориф ширкат намуданд.

Зимни ифтитоҳи ҷаласа Ҷамшед Ҷӯразода ҳозиринро ба рӯзномаи ҷаласа ва масъалаҳои ҷории баррасишаванда шинос намуда, иброз дошт, ки дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони соҳаҳои маориф ва илми кишварро мебояд барои рушди соҳа, беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбия, фарогирии бештари кӯдакон ба кӯдакистонҳо ва марказҳои инкишофи кӯдак саъю кӯшиши зиёд ба харҷ диҳанд.

Сипас ҳисоботҳои сардори раёсати маорифи вилояти Суғд М. Набизода оид ба вазъи таълиму тарбияи томактабӣ дар соли таҳсили 2023-2024 дар вилояти Суғд, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳ. Абдулалимзода оид ба фаъолияти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023, сармутахассиси раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм Д. Шерзод оид ба иҷрои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ М. Давлатзода оид ба баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаи «Низомномаи мусобиқаи ҳарбӣ-варзишии «Ватанпарвар», сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии вазорат Ш. Асомиддинзода дар бораи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – оини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ Н. Мирзозода оид ба тасдиқи «Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар соли таҳсили 2024-2025» ва оид ба тасдиқи «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2024-2025» шунида шуд.

Дар рафти баррасии масъалаҳои мазкур муовини якуми вазири маориф ва илм қайд намуд, ки фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбия, баланд бардоштаи мақоми омӯзгор дар ҷомеа, тақвият бахшидани неруи зеҳнии хонандагон, ҷалби бештари хонандагон ба марказҳои таҳсилоти иловагӣ, қабули довталабон тибқи квотаҳои Президентӣ ва имтиҳонҳои ММТ ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, иштироки хонандагону донишҷӯён ва кормандони соҳаи маорифи кишвар дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявиву байналмилалӣ, зиёд намудани устодону омӯзгорони дорои унвони илмидошта аз самтҳои муҳимми фаъолияти соҳа ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ба фарогирии бештари кӯдакон ба кӯдакистонҳо ва марказҳои инкишофи кӯдак, иҷрои саривақтии «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – оини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои дахлдори соҳаи маориф бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Дар идома масъалаҳои пешниҳоди адабиёти таълимӣ - «Барномаи таълимӣ барои падару модароне, ки тарбияи кӯдакони инкишофи махсусдоштаро ба дӯш доранд», барои мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва волидон (мураттибон: И. Каримова, Л. Иматзода С. Шербоев, Ш. Котибова), «Дастури методӣ барои психологи муассисаи томактабӣ» барои мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва волидон (мураттибон: Абдураҳмонов Гулрӯз, Акрамова Мохрухсор), китоби дарсии «Бостоншиносӣ» (Археология) барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: М. Каримов, А. Валиев, М. Шарипов), китоби дарсии «Гистология» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллиф Д. А. Шукурова), китоби дарсии «Идоракунии ходимон» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: Асророва Мавлуда Абдушукуровна, Норматова Шаҳноза Маноновна, Шамсиев Фурқатҷон Каримович, Насруллоҷонова Шавкатмоҳ Абдуқодировна), китоби дарсии «Кимиёи кишоварзӣ» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллиф М. Т. Ҳотамов), китоби дарсии «Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллиф М. Маҳкамов), китоби дарсии «Механика» барои донишҷӯёни равияи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: А. Неъматов, С. М. Сияҳқов, А. Г. Мирзомамадов), китоби дарсии «Низоми истифодаи нуриҳо» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллиф М. Т. Ҳотамов), китоби дарсии «Педагогикаи мактаби олӣ» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: Миралигода Абдусалом, Латофат Назирӣ), китоби дарсии «Русский язык» (Забони русӣ) барои донишҷӯёни курси якуми факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: Рустамова Гуландом Рустамовна, Аликулова Сабрина Тилавовна, Ҳусейнзода Лола), китоби дарсии «Социология» (бо забони русӣ) барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: М. М. Азимова, Ф. Р. Одилов), китоби дарсии «Стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва стандартҳои байналмилалӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» (муаллифон: И. Ғаниев, Н. Ҷ. Рашидов), китоби дарсии «Таҳия ва қабули қарори идоракунӣ» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: Асророва Мавлуда Абдушукуровна, Норматова Шаҳноза Маноновна, Шамсиев Фурқатҷон Каримович, Азизова Наргис Хуршедовна), китоби дарсии «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: Н. Д. Вализода, Д. А. Ғафурзода, А. И. Имомёрбеков, П. А. Насуриён, С. Н. Нуриддинзода, А. Ш. Одиназода, Р. Р. Раҳматҷонзода, М. П. Ҳайдарзода, Ф. Р. Шарифзода, С. Ш. Шарифзода, П. Р. Шарифзода) ва китоби дарсии «Ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллиф Идизода Файзалӣ Фузайлшо) мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар охир муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин доир ба беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, иҷрои ҳатмию саривақтии стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои вазири маориф ва илм, нашр ва бознашри китобҳои дарсӣ ва чанде дигар дастуру супоришҳо мушаххас дод.

Пас аз баргузории ҷаласа ба як қатор мушовирони китоби шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар, ки дар фаъолияти худ натиҷаҳои назаррас нишон додаанд, Сипоснома ва туҳфаҳои Вазорати маориф ва илм тақдим карда шуд.

*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

***30 январи соли равон нишасти матбуотии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино бо иштироки васеи рӯзноманигорони дохиливу хориҷӣ баргузор гардид. Ректори ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино Маҳмадшоҳ Гулзода иттилоъ дод, ки дар донишгоҳ 5 факултет – тиббӣ, педиатрӣ, тиббӣ-профилактикӣ, стоматологӣ ва фарматсевтӣ мавҷуд буда, 35 кафедраи донишгоҳ дар пойгоҳҳои 27 муассисаи тиббии ҷумҳуриявию шаҳрии шаҳри Душанбе ҷойгир мебошанд. Теъдоди донишҷӯён 12631 нафарро ташкил дода, таҳсил бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ роҳандозӣ гардидааст.***

## Аз эътирофи байналмилалӣ то таъсиси Пажуҳишгоҳи тиббии бунёдӣ



Инчунин, 793 нафар донишҷӯи хориҷӣ аз 27 давлатӣ дунё ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Теъдоди гурӯҳҳои таҳсилашон бо забони русӣ таҳсилкунанда 490 (60,9%), бо забони давлатӣ таҳсилкунанда 207 (25,7%) ва бо забони англисӣ таҳсилкунанда 108 адад (13,4%)-ро ташкил медиҳанд.

Шоистаи таъкид аст, ки донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионӣ ва барномаи таълимии ихтисосҳои он аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, дорои сертификатҳои байналмилалӣ мебошанд. Дар баробари ин, дар рейтинги беҳтарин донишгоҳҳо, ки аз ҷониби Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дар номинатсияи беҳтарин донишгоҳҳои тиббии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Молдова ва Беларус мақоми аввалро сазовор шуд.

Дар идома М. Гулзода зикр намуд, ки чараёни таълим, баҳодиҳӣ ва натиҷагирии сифати таълим ва таҳсилот тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ бо истифодаи васеи технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба роҳ монда шудааст. Системаи автоматикикунонидашудаи идораи таълим амал мекунад, ки дар ҳуҷраи электронии донишҷӯ ба таври феълӣ баҳоҳо ва иштирок дар дарсҳо ҳамарӯза қайд карда мешавад. Волидайни донишҷӯён низ ба ҳуҷраи электронии фарзандонашон ворид гардида, ҳамарӯза аз таҳсилу давомоти онҳо хабардор шуда метавонанд.

Дастоварди дигари донишгоҳи мазкур дар ин давра ба фаъолият оғоз кардани Пажуҳишгоҳи тиббии бунёдӣ маҳсуб меёбад. Дар ин пажуҳишгоҳ 5 озмоишгоҳи таълимӣ бо таҷҳизоти муосир таъминанд.

Ҳамчунин, рӯзноманигорон доир ба сатҳи таълиму тарбия, пажуҳишҳои илмии муҳаққиқони донишгоҳ, татбиқи илм дар истеҳсолот, тақвияти соҳаи гиёҳшиносӣ, роҳҳои бартараф намудани бемории диабети қанд, таъсиси ихтисосҳои нав ва амсоли инҳо саволҳои худро пешниҳод карданд, ки ректори донишгоҳ ба ин саволҳо ҷавобҳои мушаххасу қонеъкунанда дод.

*Н. ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

**Китоби нави академик Абдуҷаббор Раҳмонзода ва профессор Равшан Раҳмонӣ бо номи «Сада дар Тоҷикистон» аз чоп баромад.**

*Рисолати ростини одам зиндагӣ кардан аст, на вуҷуд доштан.*
*Ҷек Лондон*



ТАҲЛИЛ

# Такмили таълими омӯзиши забонҳои хориҷӣ



*Рушду пешрафти бавусъати илму технология ва раванди ҷаҳонишавӣ тақозо мекунад, ки наврасону ҷавонон техникаву технологияи муосирро хуб донанд ва бо забонҳои хориҷӣ озод суҳбат кунанд. Донистани техникаву технологияи муосир ва забонҳои хориҷӣ ба наврасону ҷавонон имкон фароҳам меорад, ки аз як тараф, маълумоти муфиди фаровонро ба даст оранд, донишу ҷаҳонбинии хешро такмил бахшанд, аз ҷониби дигар, дастовардҳои кишвари азизамонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кунанд ва дар пешрафти устувори иқтисодиёти миллӣ саҳми муносиб гузоранд. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш пайваста наврасону ҷавононро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, русию англисӣ ҳидоят мекунанд. Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2023) бори дигар ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд: «Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад». Вобаста ба омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ, омода намудани омӯзгорон, таҳияи стандарту барномаҳои таълимӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон бо муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулзода Зиёдулло Назар суҳбат кардем, ки фишурдаи онро пешкаши хонандагон мегардонем.*

**– Устоди муҳтарам, вазъи таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисиро дар муассисаҳои таълимӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Ба ҳамагон маълум аст, ки дар кишвар «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» амал мекунад, ки рафти татбиқи он аз ҷониби Вазорати маориф ва илм пайваста зери назорат қарор дорад. Ҷиҳати татбиқи он, пеш аз ҳама, Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илм иборат аз 35 банд таҳия ва тасдиқ гардидааст.

Дар доираи татбиқи барномаи мазкур таълими забони русӣ аз синфи 2 ва таълими забони англисӣ аз синфи 3 оғоз гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ (хусусӣ) дар асоси дархости падару модарон ва густариши муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия ва хориҷи дур барои таълими ин забонҳо аз синфи 1 иҷозат дода шудааст. Дар баробари ин, таълими забонҳо мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ низ густариш ёфтааст. Бо дарназардошти талаботи Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки гузариш ба низоми нави таҳсилот (таҳсилоти 10-солаи асосӣ ва 12-солаи миёнаи умумӣ) бо қабули хонандагон ба синфи як аз 6-солагӣ пешбинӣ гардидааст, зарурати пурра таҷдиди назар намудани стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ, барномаву нақшаҳои таълимӣ дар назар дошта шудааст ва дар ин замина зиёд намудани соатҳои таълими фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар мадди назар қарор дорад. Илова ба ин, дар қисмати иловагии нақшаи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз 4 то 8 соат пешбинӣ гардида, қисми зиёди онҳо ба тақвияти таълими забонҳои русӣ ва англисӣ истифода карда мешаванд.

Тибқи нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки соли 2021 аз тарафи вазири маориф ва илм ба тасвиб расонида шудаанд, дар бахши фанҳои гуманитарӣ барои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ 5-кредитӣ (120-соатӣ) ҷудо карда шудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад, дар бахши фанҳои заминавӣ барои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ 6-кредитӣ (144-соатӣ) дар семестри якум ва дуюм ҷудо гардидааст, ки омӯзиши он барои донишҷӯёни ҳамаи равияҳои ихтисосҳо ҳатмӣ мебошад. Ҳамзамон, Вазорати маориф ва илм тасмим гирифтааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари забони давлатӣ дарсҳоро бо забони русӣ ва англисӣ ба роҳ монад.

**– Мусаллам аст, ки омӯзгорони забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ омода карда мешаванд ва дар ин муассисаҳо имконоту шароит ва ҷараёни таълиму тадрис ба таври назаррас ба роҳ монда шудааст. Раванди омода намудани омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?**

– Воқеан, омода намудани омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки дар 13 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дар 8 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои забонҳои русӣ ва англисӣ мутахассисон омода карда мешаванд.

Агар ба маълумоти оморӣ назар андозем, дар муддати 3 сол муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро 1062 нафар донишҷӯ аз рӯйи ихтисоси забони русӣ ва 1140 нафар аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ хатм намуданд. Ҳамзамон, дар ин муддат муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро 7112 нафар бо ихтисоси омӯзгори забонҳои русӣ ва англисӣ хатм карданд.

Дар баробари ин, бо мақсади ба роҳ мондани таълими дигар фанҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбие, ки имкони таъсиси гурӯҳҳои таълимашон бо забонҳои русию англисиро доранд, гурӯҳҳои алоҳидаи таълимӣ таъсис дода шудаанд.

Инчунин, моҳи декабри соли сипаришуда бо ташаббуси Вазорати маориф ва илм дар шаҳри Душанбе ҷиҳати иҷрои «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» семинари омӯзишӣ барои омӯзгорони фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ баргузор гардид.

**– Маълум аст, ки масъалаи таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон дар меҳвари фаъолияти Вазорати маориф ва илм қарор дорад ва баҳри ҷалби онҳо ба таълиму тарбияи наврасон имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст. Оё муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, махсусан, омӯзгорони забонҳои русию англисӣ таъминанд?**

– Ҳамасола дар асоси пешниҳоди сарраёсат, раёсат, шуъба ва бахшҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ эҳтиёҷоти кадрҳои соҳаи маориф ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда мешавад. Тибқи дархости пешниҳодшуда муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар дар се соли охир ба 9836 нафар кадри омӯзгорӣ эҳтиёҷот доштаанд, ки аз ин шумора аз фанҳои забони русӣ 1041 нафар ва забони англисӣ 1148 нафар мебошанд. Дар ин робита, тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илм 12124 нафар мутахассиси ҷавон (равияи омӯзгорӣ) ба муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба кор фиристода шуданд, ки аз ин теъдод мутахассисони фанҳои забони русӣ 1110 нафар ва забони англисӣ 1625 нафарро ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, ҷиҳати бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ ва иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 03.05.2006, №197) «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» ҳарчанд дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 128 нафар мутахассиси ҷавон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтани хонаи истиқоматӣ, 9 нафар бо қитъаи замин барои боғдорӣ ва полезкорӣ ва ба 315 нафар бо қарзи имтиёзнок таъмин карда шуданд, ки ин ҳанӯз ҳам кам аст. Инчунин, дар лоиҳаи Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф дар соли 2024 дар ҳаҷми 10% ба сарбории омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ иловапулӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар умум, дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ 9214 нафар омӯзгори забони русӣ ва 8006 нафар омӯзгори забони англисӣ фаъолият менамоянд. Дар баробари ин, 197 нафар омӯзгоре, ки аз Федератсияи Россия даъват шудаанд, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар доранд.

Инчунин, дар муассисаҳои буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия-Тоҷикистон дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд, Кӯлоб ва Турсунзода 325 нафар омӯзгор кор мекунанд, ки 62 нафари онҳо аз Федератсияи Россия ва 263 нафар аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**– Бо рушду пешрафти технологияи муосир роҳҳои муассири омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба вуҷуд омадааст, ки ин омил тақозо мекунад, ки омӯзгорон мунтазам биомӯзанд ва аз техникаву технологияи муосир самаранок истифода кунанд. Ба ин маънӣ, яке аз масъалаҳои муҳим аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт кадом корҳо назаррас анҷом дода шудаанд?**

– Аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон ва ба бозомӯзӣ ҷалб намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон маҳз дар курсҳои такмили ихтисос аз навгониҳои таълим огоҳ мегарданд, шеваҳои тозаи тадрисро аз худ мекунанд, донишу ҷаҳонбинии хешро такмил мебахшанд, ки ин омилҳо ба баланд гардидани сатҳу сифати таълим мусоидат мекунанд. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дар се сол як маротиба аз такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон дастур доданд. Вобаста ба ин масъала, санадҳои дахлдор омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Дар сохтори Вазорати маориф ва илм Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бо филиалҳои он фаъолият менамоянд, ки дар ин муассиса омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ мунтазам аз курсҳои такмили маҳорати касбӣ мегузаранд. Аз ҷумла, соли 2023 дар донишкада ва филиалҳои он 48 курси такмили ихтисоси омӯзгорони забони русӣ бо фарогирии 1267 нафар, 40 курси такмили ихтисоси омӯзгорони забони англисӣ бо фарогирии 998 нафар ва 40 семинари махсус бо фарогирии 1015 нафар шунавандаи забонҳои русӣ ва англисӣ баргузор шуд. Дар баробари ин, дар ин муддат дар асоси «Ёддошти тафоҳум» байни донишкада ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Олтойи Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон бо забони русӣ таҳсилкунандаи ҷумҳурӣ аз шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд, Хоруғ ва Турсунзода 9 курси такмили ихтисос бо иштироки 284 нафар омӯзгор доир гардид.

**Моҳи август дар Тоҷикистон 100-солагии адабиётшиноси маъруфи тоҷик Соҳиб Табаров ҷашн гирифта мешавад.**

*Дар табиат ҳеҷ чиз ногаҳон ва ба сурати комилу буд ба пайдо намеояд.*

*Александр Гертсен*



# тақозои замон аст

**– Аз омӯзишу таҳлил ва таҷрибаи дигар кишварҳо мушаххас гардид, ки бознигарии стандартҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот аз забонҳои русӣ ва англисӣ тақозои замон буда, роҳандозии тадрис бо дарназардошти омӯзиш тавассути матнҳо, нутқи шифоҳӣ, хондан ва навиштан натиҷабахш мебошад. Ба ин мазмун, дар кишвар чӣ тадбирҳо андешида шудаанд?**

– Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ раванди бознигарии стандартҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот аз забонҳои русӣ ва англисӣ бо дарназардошти таълим тавассути матнҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ – шунидан, нутқи шифоҳӣ, хондан ва навиштан сурат мегирад, ки дар ин самт як қатор корҳо ба анҷом расонида шудааст:

- мақсад ва вазифаҳои таълимӣ бознигарӣ ва коркард гардиданд;

- стандартҳои забонҳои русӣ ва англисӣ, ҳамзамон, барномаи ин фанҳо барои синфҳои ибтидоӣ комилан таҷдиди назар шуданд;

- бо дарназардошти меъёрҳои байналмилалӣ дар стандартҳои фаннӣ дар самти шунидан, нутқи шифоҳӣ, хондан ва навиштан пешниҳодҳои судманд ворид карда шуд, ки ба омӯзиши ин забонҳо барои хонанда ва таълим барои омӯзгорро осон намуд;

- салоҳиятҳои ташаккулдиҳанда таҳия гардида, пайдарпайии ҳар як салоҳият дар стандарт инъикос карда шуд. Ин пайдарпайӣ ба хусусиятҳои миқдории малакаҳо ва тавсифи ҳаҷми матни даркшуда асос ёфтааст;

- салоҳиятҳое, ки дар стандарт ворид карда шудааст, ба рушди зеҳнӣ ва нутқи хонандагони хурдсол мусоидат намуда, марҳалаҳо ва мураккабии ташаккули салоҳияти коммуникатсионӣ ба назар гирифта шудааст;

- дар стандарт намунаҳои супоришҳои ба ташаккули салоҳиятнокӣ равонашуда ва аз ҷиҳати методӣ ба мақсад мувофиқ будани онҳо мухтасар номбар карда шудааст.

Вобаста ба Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷавобгӯ набудани сатҳу сифати китобҳои дарсӣ ва дар самти таҷдиди назар намудани мазмуну мундариҷаи стандарт, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва ба талаботи стандартҳои муосир, ниёзу дархости хонандаю ҷомеа мутобиқ ва мувофиқ намудани онҳо китобҳои дарсии забони англисӣ аз синфи 3 то 11 пурра таҳлилу арзёбӣ карда шуд.

Инчунин, барои доираи васеи хонандагон луғати 400 калимаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ-русӣ-англисӣ омода ва дастраси хонандагону омӯзгорон гардид. Ҳамзамон, «Муҳовараи тоҷикӣ – англисӣ» бо 101 саволу ҷавоб дар ҳаҷми 52 саҳифа дар нашриёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба табъ расид.

**– Яке аз роҳҳои такмил бахшидани забондонӣ табодули таҷриба дар кишварҳои хориҷӣ маҳсуб меёбад. Дар ин самт, барои тақвияти забондонӣ ва сайқал ёфтани донишҳо миёни кишварҳои узви ИДМ ва давлатҳои хориҷӣ табодули омӯзгорону донишҷӯён сурат мегирифт. Ин таҷриба ҳоло чӣ гуна амалӣ мегардад?**

– Яке аз самтҳои дигари фаъолияти вазорат муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар самти табодули донишҷӯёну омӯзгорон, гузаронидани чорабиниҳои муштарак дар соҳаҳои маорифу илм ҷиҳати омӯзиш ва ба роҳ мондани роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф мебошад.

Ҳамасола дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба табодули омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Точикистон ба муҳлати як моҳ, ду моҳ, се моҳ, як семестр ва солона ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар сурат мегирад. Табодули донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар доираи барнома ва лоиҳаҳои байналмилалии хориҷи кишвар ба роҳ монда шудааст. Яъне, устодон ва коршиносони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаҳои байналмилалӣ-минтақавӣ *(Erasmus+, gSmart, UNIWORK, INTER-ASIA, gSmart – Spatial ICT Infrastructures for Smart Places)* дар конфронс, симпозиум ва семинарҳои таълимию методӣ, ки берун аз кишвар аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ташкил карда мешаванд, иштирок менамоянд.

**– Имрӯзҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бархе аз корбарон аз он изҳори нигаронӣ мекунанд, ки гӯё хонанда давоми 11 сол дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, сипас ҳамчун донишҷӯ давоми 4-5 сол дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ забонҳои хориҷиро меомӯзад, вале наметавонад дар сатҳи муошират бо забонҳои русӣ ва англисӣ суҳбат намояд. Дар ин масъала чӣ андеша доред?**

- Дар маҷмуъ, наметавон ба ин андеша розӣ шуд, зеро имрӯз дар муассисаҳои таълимии кишвар зери роҳнамоию таваҷҷуҳи хоссаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Вазорати маориф ва илм тамоми шароити мусоид ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ фароҳам оварда шудааст. Бинобар ин, хонандаю донишҷӯро зарур аст, ки дар мадди аввал барои азхуд намудани ин ё он забони хориҷӣ бо шавқу рағбат ва омӯзиши амиқ ҳамвора талош кунад. Иштироки фаъоли хонандагону донишҷӯёни тоҷик дар озмуну олимпиадаҳои бонуфузи байналмилалӣ, ки бо забонҳои хориҷӣ баргузор мегарданд, аз густариши омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар кишвар шаҳодат медиҳанд.



Шоистаи таъкид аст, ки дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ аз фанҳои забони русӣ ва забон ва адабиёти рус барои синфҳои 5-11 дар соли 2023 аз муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 1059 нафар хонанда иштирок намуда, сазовори 426 ҷойи ифтихорӣ (14 медали тилло, 74 медали нуқра, 338 медали биринҷӣ) гардиданд. Ҳамзамон, соли 2023 даври ҷумҳуриявии олимпиадаи фанни забони англисӣ барои синфҳои 5-11 ва олимпиадаи *Spelling Bee* бо иштироки 1111 нафар хонандаи фаъол аз муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сурат гирифт, ки хонандагон сазовори 604 ҷойи ифтихорӣ (41 медали тилло, 163 медали нуқра ва 400 медали биринҷӣ) шуданд. Ин рақамҳо аз он далолат мекунанд, ки дар муассисаҳои таълимӣ омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

**– Ташаккур барои суҳбат.**

– Саломат бошед.

*Мусоҳиб*
*Эҳсон САФАРЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

ШЕВАИ ДАРС

*Яке аз мавзуъҳои муҳимми боби «Асосҳои динамика» дар таълими физикаи синфи 7-ум мавзуи «Қонунҳои Нютон оид ба ҳаракати ҷисм» ба шумор рафта, тибқи талаботи барномаи таълимӣ, омӯзгорро зарур аст, дар давоми як соати таълимӣ дар баробари шарҳ додани қонунҳои Нютон, инчунин, формулаҳои онро нависад ва доир ба татбиқи ин формулаҳо чанд намунаи масъаларо низ ҳал кунад. Дар раванди дарс аз воситаҳои аёнӣ: асбобу анҷом барои гузаронидани таҷрибаҳо истифода барад. Омӯзгорро зарур аст, ки барои ноил шудан ба натиҷаи таълим мавзуи мазкурро ба 3 қисмат тақсим намуда, ба хонандагон фаҳмонад.*

# Таълими мавзуи «Қонунҳои Нютон оид ба ҳаракати ҷисм»

**Инертсия ва қонуни якуми Нютон.** Қонуни инертсия ва ё шасти ҳаракат яке аз қонунҳои аввалин дар бораи ҳаракат мебошад, ки онро Нютон кашф карда буд. Дар баъзе ҳолат чунин мепиндоранд, ки гӯё қонуни якуми Нютон аз қонуни дуюм бар мебаромада бошад. Ин фикр ба он асос карда шудааст, ки ҳангоми набудани таъсири ҷисмҳои беруна *(F=0)* ҷисм ростхатта ва мунтазам ҳаракат мекунад, ё дар ҳолати оромӣ мемонад. Аммо маънои қонуни якуми Нютон тамоман дигар аст. Барои ба маънои қонуни якум сарфаҳм рафтан чунин воқеиятро муоина мекунем: бигзор ба болои сатҳи фавқулсайқал кураe мавҷуд бошад. Агар кураро дар нуқтаҳои гуногуни ин сатҳ ҷойгир кунем, вай ҳолати оромии худро нигоҳ медорад, ё ки агар ин кура аз болои ин сатҳ ба самти дилхоҳ, бо ягон суръат ҳаракат кунад, ин сатҳ модули суръат ва самти суръати кураро тағйир дода наметавонад. Аз ин мисол ба чунин хулоса омадан мумкин, ки қонуни инертсияро ҳолати хусусии қонуни дуюм ҳисобидан мумкин нест.

Таҷрибаҳоро таҳлил карда, ба хулоса омадан мумкин, ки системаҳои сарҳисобе мавҷуданд, ки ҷисмҳои нисбат ба онҳо пешраванда суръати худро доимӣ нигоҳ медоранд, ба шарте ки аз тарафи ҷисмҳои дигар таъсир набинанд ё таъсири ҷисмҳои дигар компенсатсия шавад. Ин аст маънои қонуни якуми Нютон.

Худи ҳодисаи доимӣ мондани суръати ҳаракат дар вақти компенсатсия шудани таъсири беруна инертсия номида мешавад, бинобар он қонуни якуми Нютонро қонуни инертсия низ мегӯянд. Кашфи ин қонун як иштибоҳи деринаро аз миён бурд. Асрҳо чунин мепиндоштанд, ки дар вақти ба ҷисми додашуда таъсир накардани ҷисмҳои дигар ҷисм танҳо дар ҳолати оромӣ буда метавонад. Вале барои бо суръати доимӣ ҳаракат кардани ҷисм зарур аст, ки ба он ҷисми дигар таъсир бахшад. Аммо қонуни инертсия ин фикрро рад мекунад. Мувофиқи қонуни якуми Нютон агар ба ҷисм дигар ҷисмҳо таъсир накунанд, ё таъсири якчанд ҷисм компенсатсия шаванд, ҷисм ё дар ҳолати оромӣ қарор мегирад, ё ки бо суръати доимӣ ростхатта ҳаракат мекунад.

**Қонуни дуюми Нютон.** Қонуни дуюми Нютон ба ҳисоб кардани бузургии қувваи ба ҷисм таъсиркунанда, ки дар зери таъсири ин қувва ҷисм шитоб гирифтааст, бахшида шудааст. Ин қонун бо саволҳои: Қувва чӣ гуна бузургист? Ба чӣ баробар аст? Қувва ва шитоб чӣ гуна алоқамандӣ доранд? ва ғайраҳо ҷавоб медиҳад. Ин қонун аз тарафи Нютон чунин таъриф дода шуда буд: «Шитобе, ки бо он ҷисмҳо ҳаракат мекунанд, ба қувваи ба ин ҷисм гузашташуда, мутаносиби роста буда, ба массаи ҷисм мутаносиби чаппа аст». Ин қонун дар шакли математикӣ ин тавр навишта мешавад:

$$a = \frac{F}{m}$$

Ба аробачаи массааш m пружин баста, як нӯги дигари пружинро ба воситаи ресмон аз ғарғара гузаронида, бореро меовезем. Бо поён фаромада, пружинро қадре меёзонем ва аробача соҳиби *a* мешавад. Ба ҷои як аробачаи ҳамин гуна массадоштаро гирифта, шитоби онҳоро барои ёзиши пружин чен мекунем. Мебинем, ки шитоби ду аробачаи васлшуда ба *a/2* баробар мешавад. Агар се аробачаро гирем, *a/3* мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки барои ҳамаи ин мавридҳо ҳосили зарби массаи аробача ва шитоби он *m*a* ҳамон як қиматро соҳиб мегардад. Ин қимат бузургии қувваро нишон медиҳад: қувваи ба ҷисм таъсиркунанда ба ҳосили зарби массаи ҷисм ва шитоби соҳибгардидаи он баробар аст. Агар инро дар шакли математикӣ нависем, *F=ma* мешавад. Аз қонуни дуюми Нютон бармеояд, ки қувва бузургии физикиест, ки дар натиҷаи баҳамтаъсири ҷисмҳо ба вуҷуд омада, сабаби тағйирёбии шакл ва суръати ҷисмҳо мегардад.

**Қонуни сеюми Нютон.** Қонуни сеюми Нютон шарҳ медиҳад, ки қувва умуман чӣ тавр пайдо мешавад. Мувофиқи ин қонун, қувва ҳангоми таъсири мутақобилаи ҷисмҳо ба вуҷуд меояд ва дар ин маврид ба ҳар як ҷисми мутақобил таъсир мекунад ва ҳар яки он ҷисмҳо шитоб мегиранд. Масалан, агар шумо пойафзоли худро аз ресмонаш дошта боло бардоред, пойафзоли шумо ресмонро ба поён мекашад. Қувваи ба боло равонашудаи қувваи таъсиркунанда ва қувваи ба поён равонкардашуда қувваи муқобилтаъсиркунанда номида мешавад. Ин қувваҳо аз ҷиҳати бузургӣ баробар буда, вобаста аз самташон мутақобили якдигаранд. Аз ин мисол бармеояд, ки ҷисмҳо ба якдигар бо қувваҳое таъсир мекунанд, ки онҳо модули якхела, вале самти муқобил доранд. Ин тасдиқот қонуни сеюми Нютон номида мешавад. Агар қувваи аз тарафи ҷисми якум ба дуюм таъсир мекардаро *F1* ва аз тарафи ҷисми дуюм ба якум таъсир мекардаро *F2* гӯем, он гоҳ қонуни сеюми Нютонро дар шакли $F1 = -F2$ навиштан мумкин аст. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, қувваҳое, ки дар қонуни сеюми Нютон дар бораи онҳо сухан меравад, табиатан якхелаанд ва ба ҷисмҳои гуногун гузошта шуда, баробартаъсиркунанда надоранд.

*Баҳригул ҚАЮМОВА,*
*омӯзгори физикаи МТМУ №3-и ноҳияи Варзоб*

**Даври сеюми олимпиадаи фаннӣ барои хонандагони синфҳои 5-6 ва 11-и муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баргузор гардид.**

*Илм неруест, ки қонуни ашё ва муносибату бархӯрди онҳоро кашф мекунад.*
*Александр Герцен*

«Омӯзгор» №5, 1 феврали соли 2024

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

# Ташаккули насли наврас

***Рушду такомули маърифати аҳли ҷомеа аз таълиму тарбияи дуруст сарчашма мегирад. Таваҷҷуҳ ба мактабу маориф ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Зеро маҳз дар муассисаҳои таълимӣ наврасону ҷавонони дорои ҷаҳонбинии васеъ ба камол мерасанд.***



Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як суханронии хеш ба соҳаи маориф ва тарбияи наврасону ҷавонон диққати ҷиддӣ зоҳир мекунанд. Зеро маблағгузорӣ ба маориф сармоягузорӣ ба рушди устувори иқтисодӣ ва пешрафти рӯзафзуни кишвар махсуб меёбад. Бинобар ин, дар назди аҳли маориф, устодону омӯзгорон тарбия ва ба камол расондани насли донишманд ва худшиносу ватандӯст дар мадди назар қарор дорад. Маҳз ҷавонони дорои ҷаҳонбинии васеъ, бархӯрдор аз технологияи муосир ва донандаи забонҳои хориҷӣ метавонанд кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ ва ба рушди иқтисоди миллӣ хидмати арзанда кунанд. Мусаллам аст, ки дар Паёмҳои Пешвои миллат ба масоили таълиму тарбия ва мактабу маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шуда, муҳимтарин вазифаҳо барои оянда ба аҳли маориф муқаррар мегарданд. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат (28.12.2023) тарбияи инсони созандаву такомулёфта дар меҳвар қарор дошт, зеро ҳамон ҷомеае ба рушду нумӯъ ва пешрафт ноил мегардад, ки наврасону ҷавонони он аз илмҳои замонавӣ бархӯрдор ва худшиносу ватандӯст бошанд.

Шоистаи таъкид аст, ки дар кишвар барои наврасону ҷавонон тамоми имконот ҷиҳати фаро гирифтани донишҳои замонавӣ фароҳам оварда шуда, сол то сол бунёди муассисаҳои таълимӣ ва дар баробари ин, бо техникаву технологияи муосир ва воситаҳои аёнии таълим таъмин намудани таълимгоҳҳо вусъати тоза меёбад. Танҳо соли 2023 дар кишвар беш аз 200 муассисаи нави таълимӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст, ки аз таваҷҷуҳи рӯзафзуни Пешвои миллат ба соҳаи маориф шаҳодат медиҳад. Бунёди муассисаҳои нави таълимӣ такмилбахши фаъолияти омӯзгорону хонандагон гардида, ба беҳтар шудани сатҳу сифати таълим мусоидат мекунад.

Имконоту шароити муосир аҳли маорифро вазифадор мекунад, ки дар таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён масъулияти бештар эҳсос кунанд. Дар ин маврид Сарвари давлат зикр намудаанд: «Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад».

Маблағгузории рӯзафзуни соҳаи маориф яке аз омилҳои муассири рушди соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Дар Паём Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин радабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд».

Нуктаи дигаре, ки дар Паёми Пешвои миллат мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шуд, вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони муосир мебошад. Маълум аст, ки ҷаҳон дар ҳолати мураккабшавӣ қарор дорад ва дар гӯшаҳои гуногуни он ҷангу ноороминҳо ҷараён дорад. Дар ин вазъ масъалаи амният ва ваҳдати миллӣ омили пешрафт ва суботи ҷомеа махсуб меёбад. Аз ин рӯ, мо-омӯзгоронро зарур аст, ки дар ҷараёни ҳар дарс перомуни сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ машғулиятҳои иловагӣ гузаронда, насли созандаву бунёдкорро ба камол расонем. Дар Паёми Пешвои миллат ба мавриди зикр шудааст: «Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем».

*Лола ҚУРБОНОВА,*
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики литсейи №1-и шаҳри Бӯстон,*
*Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ОИНИ НИЁГОН

# Ҳумоюнҷашни миллат

***Барои таҳкими хештаншиносӣ ва ҳувияту ифтихори миллии халқи тоҷик Истиқлоли давлатӣ нақши барҷаста бозид. Аз файзи истиқлол таваҷҷуҳ ба масоили миллӣ дар фаъолияти аҳли кишвар мавқеи муҳим пайдо кард. Таърихи миллат аз таҳрифҳои пурғараз тоза гардид ва сарнавишти воқеии халқи тоҷик арзёбӣ гардид.***



Дар вақташ ин руҳдоди нишотбахшро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин тафсир бахшида буданд: «Мо мехоҳем, ки таърих ва тамаддуни беш аз панҷҳазорсолаи тоҷикон дар радифи дигар таърихҳо, тамаддунҳо, фарҳангҳо ва оину анъанаҳои ибратбахши халқҳои сайёра омӯхта шавад, дар роҳи камолоти инсон ҳамоно дар хизмат бошад ва ҳамчунин, намегузорем, ки он бо ғаразҳои ҷаҳонсӯз ва ҳадафҳои хатарноки геополитикии минтақавӣ ва глобалӣ омехта гардад». Дар баробари ин, Сарвари кишвар таъкид карданд, ки «мо бояд насли имрӯзу фардои миллатро аз мероси бузурги маънавии аҷдодӣ огоҳ созем, дар замири онҳо эҳсоси ифтихор аз давлатдории миллӣ, расидан ба қадру қимати давлати мустақили миллӣ, ватандӯстию ватанпарастӣ, шинохтан ва эҳтиром гузоштан ба мероси гузаштагони хирадманди худро тарбия намоем». Яке аз тадбирҳои муҳиме, ки дар ин замина ва бо ибтикороти Пешвои миллат роҳандозӣ гардид, эҳёи як силсила ҷашну оину маросими дерини халқи тоҷик мебошад.

Аз ҷумла, ҷашни зебою дилрабои Наврӯз эҳёи тоза дарёфту ҷашни Меҳргон умри дубора пайдо кард ва ҷашни Тиргон аз қаъри таърих берун кашида шуд. Таваҷҷуҳ ба ҷашни дигари бостонии ниёгон – Сада низ ба ҳамин ибтикорот тааллуқ дорад. Вобаста ба ин ҷашн замоне, ки тантанаҳо бахшида ба Наврӯзу Меҳргон дар кишвар вусъат пайдо карданд, Сарвари кишвар чунин изҳор дошта буданд: «Барои халқи тоҷик ҷашни Сада мисли ҷашни Меҳргон таърихи қадим дорад ва бояд аз нав эҳё гардад». Воқеан, батадриҷ дар Ватани маҳбубамон Сада ба ҷашни ҳамагонӣ, ба ҷашни пуршукӯҳу сурурбахш табдил ёфт ва ҳамакнун, ҳамасола дар саросари мамлакат дар сатҳи баланд, бо иштироки доираи васеи мардум ва дар заминаи барномаҳои рангину дилнишин таҷлил мешавад. Ҳоло хурду калон дар бораи ин ҷашни зебои ниёгон маълумоти кофӣ доранд ва Садаро чун ҷашну оини бостонию дорои ҳадафҳои неки аҷдодони халқи тоҷик ситоиш мекунанд.

Ба тасдиқи муҳаққиқон, чун марҳалаи асосии зимистон (аз 22 октябр то 30 январ) паси сар шуду сад рӯз сипарӣ гашт, мардум ҷашни оташ – Садаро баргузор мекарданд. Ҳама шодмонию тантана менамоянд, ки хавфи осебпазирӣ аз сармои шадиди зимистон бартараф шуду инак, айёми нармию гармӣ, рӯиши гулу сабза, бедории гиёҳону дарахтон фаро мерасад. Ба ин гуна, зиндагӣ рангу тобиши тоза пайдо мекунад, дилпазир мешавад. Мардум аз гузашти сардиҳои шиканҷаҳо, ки тавъам ба неруҳои аҳриманист, шод мешуданд ва бо камоли майл ҳезуму хасу хошок гирд оварда, хирмани боҳашамате месохтанд ва чун торикӣ доман паҳн кард, оташ ба ин хирман мезаданд. Аз таъсири оташ атроф гарму мунаввар мешуд ва мардум гирди хирмани оташ давр зада, бо нишоту шодмонӣ суруд мехонданд ва рақсу бозӣ мекарданд. Ҳама бовар бар он доштанд, ки акнун оташ, ки неруи Ҳурмузист, сарморо тамоман дур меафканад, Аҳриманро ба шикаст дучор мекунад. Ҷашни Сада дар даҳумин рӯзи моҳи баҳман (баробар ба 30 январ) таҷлил карда мешуд. Доир ба ҷашни Сада ва пайдоишу таркиби он дар сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти рангину гуногун мавҷуданд, вале ҳамаи онҳо бо оташ ва бо расидан ба марҳалаи нави зиндагӣ иртибот доштани Садаро таъкиду тасдиқ мекунанд.

Ҷашни Сада, ки ҳоло дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо дар сатҳи баланд таҷлил мешавад, дар шумори дигар махсусиятҳояш ҷанбаи тарбиявӣ низ дорад ва аз ин ҷост, ки дар тамоми таълимгоҳҳо бавусъату мутантан таҷлил карда мешавад.

*Сада омад, аҷаб ҷашни гуворо,*
*Ҳумоюн бод он бар миллати мо.*

*Матлуба МУҲИДДИНОВА,*
*омӯзгори мактаби №7-и ноҳияи Рӯдакӣ*

АНДЕША

# Сайёҳӣ – омили рушди кишвар

Дар Тоҷикистон барои рушди тамоми намудҳои сайёҳӣ, аз ҷумла, экологию кӯҳнавардӣ, таърихию варзишӣ ва ғайра шароиту имконот фароҳам оварда шудааст. Дар ин замина, рушди сайёҳии байналмилалӣ дар мамлакат, ҷалби бештари сайёҳон, беҳтар намудани вазъи инфрасохторҳои сайёҳӣ ва санаторию курортӣ, муҳайё намудани шароити муносиб ҷиҳати ташрифи сайёҳони хориҷӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба кишвари пешрафтаи туризму саёҳат дар мадди назари Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор гирифтааст.

Тоҷикон бо дарназардошти мероси ғании фарҳангӣ ва таърихии халқҳое, ки дар минтақаи «Шоҳроҳи Абрешим» сукунат доранд, дар боби меҳмоннавозӣ ва муаррифии урфу одат ва анъаноти миллӣ саъю талош ба харҷ медиҳанд. Фарҳанги рӯзгордорӣ ва фолклори тоҷик сарчашмаи рушди сайёҳии фарҳангӣ махсуб мешавад.

Ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик, аз қабили «Меҳргон», «Сада» ва «Наврӯз» таҷассумгари фарҳанги пурғановати мардуми мо буда, бозиҳои миллӣ дар шакли гӯштини анъанавӣ, бузкашӣ, базм ва ғайра омили ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон ба Тоҷикистон мебошад.

Ҳунару пешаҳои кулолгарӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, дӯзандагӣ, намадбофӣ, чӯроббофию зардӯзӣ, кандакорӣ ва санъати тасвирии халқи тоҷик решаҳои қадима доранд.

Моро мебояд, баҳри ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон ба кишвар, барномаҳои консертӣ ва театрӣ, инчунин, чорабиниҳои варзишии сатҳи байналмилалиро баргузор намоем. Бо ин мақсад барои сайёҳон осори рассомони тоҷик ба маърази тамошо гузошта шаванд, ки аслан сайёҳон ба чунин намоишгоҳҳо таваҷҷуҳ доранд.

Ҳамчунин, бояд зикр намуд, ки «Шашмақом» ва «Фалак» ба ганҷинаи тиллоии фарҳанги ҷаҳонӣ ворид шудаанд. Боиси хурсандист, ки Сарвари давлат имтиёзҳои зиёдеро баҳри фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ фароҳам овардаанд. Бояд таъкид кард, ки «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шудани соли 2018 боиси ҳавасмандии роҳбарони ширкатҳои сайёҳӣ гардид.

*Алимардон СОДИҚОВ,*
*омӯзгори МТМУ №2-и ноҳияи Шоҳмансур*

**26 январи соли равон дар АМИТ дар мавзуи «Ҷашни Сада ва моҳияту арзишҳои миллии он» конференсия баргузор шуд.**

ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ

*Омӯзиши пайваста инсонро ҳамаҷониба ташаккул мебахшад. Бинобар ин, китоб манбаи илму дониш буда, ҳамчун неруи тавоно инсонро такмил медиҳад ва ӯро ба дарки авзои ҷаҳон ҳидоят мекунад. Аз ин ҷост, ки дар осори бузургнамон дар бораи муҳиммияти омӯзиш ва нақши китоб ашъори зиёде эҷод гардидааст.*

# Роҳнамои зиндагӣ



Имрӯз дар кишвари мо ба масъалаи омӯзишу мутолиаи асарҳои бадеӣ диққати махсус зоҳир мегардад. Соли шашум аст, ки бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор мегардад. Дар низомномаи нави озмун тағйирот ба вуҷуд омад ва чор шоҳҷоиза эълон гардид, ки ин омил низ ба шавқманд шудани довталабон такони ҷиддӣ мебахшад. Озмуни мазкур таҳаввулоти маънавиро дар ҷомеа ба вуҷуд орад. Дар ин маврид Пешвои миллат таъкид карданд: «Китобхонаҳо бояд ба маркази муҳимми илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад».

Мо ҳамарӯза шоҳид мегардем, ки наврасону ҷавонон ба омӯзишу мутолиаи шавқу рағбати зиёд доранд ва китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои бадеӣ, дастурҳои таълимӣ таъмин мебошанд. Дар ин миён метавон аз чоп ва дастрас гардидани асарҳои бадеӣ дар кишвар ёдовар гардид. Дар 50 ҷилд ба нашр расидани гулчини адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик бо номи «Ахтарони адаб» далели ин гуфтаҳост. Мусаллам аст, ки таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ ва чопи асарҳои бадеӣ шавқу рағбати наврасону ҷавононро ба омӯзиш бештар мегардонад. Дар баробари ин, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 ҷилд осори баргузидаи адибони классику муосири тоҷик чоп ва дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шуд. Имрӯз шароити таълим ва омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ фароҳам оварда шуда, имкони дастрас намудани асарҳои бадеӣ барои толибилмон муҳайё гардидааст. Инчунин, шакли электронии китобҳои бадеиву таълимӣ ба мактабҳо интиқол дода шуда, оне, ки шавқу рағбат ба омӯзиш дорад, метавонад аз онҳо самаранок истифода кунад. Аз ин рӯ, мо-омӯзгоронро зарур аст, ки дар раванди тадрис дар масъалаи омӯзишу мутолиа ва шавқманд намудани хонандагон ба китобу китобхонӣ талош намоем. Ба андешаи мо, дар чараёни таълим роҳандозии чунин ташаббусҳо манфиатбор хоҳад буд:

**Якум,** бояд худи омӯзгор ба омӯзишу мутолиа шавқи беандоза дошта бошад ва мунтазам асарҳои бадеӣ мутолиа намояд. Ин омил имкон фароҳам меорад, ки аз як тараф, омӯзгор дарсро ҷолибу рангин гузаронад, аз ҷониби дигар, асарҳои ба синну соли хонандагон мувофиқро пешниҳод кунад.

**Дуюм,** дар машғулиятҳои иловагӣ баррасӣ намудани асарҳои бадеӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Барои ин зарур аст, ки ба хонандагон китоби бадеӣ барои омӯзишу мутолиа пешниҳод гардад ва баҳс атрофи он сурат гирад. Омили мазкур имкон фароҳам меорад, ки хонандагон аз як тараф, сухандону суханвар гарданд, аз ҷониби дигар, ин амал ба тақвияти ҷаҳонбинии онҳо мусоидат мекунад.

**Сеюм,** ҳавасманд намудани хонандагон дар ҷараёни дарс махсуб меёбад. Ба ин маънӣ, зарур аст, ки озмунҳои дохилимактабӣ ва дохилисинфӣ роҳандозӣ гарданд. Чунин тарзи муносибат хонандагонро ба омӯзишу мутолиа шавқманд менамояд.

Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки аз донишҳои муосир бархӯрдор бошад, ба омӯзишу мутолиа пайваста машғул гардад ва дар раванди таълим воқеаҳои ҷолиб ва эпизодҳои муассири асарҳои бадеиро ба хонандагон нақл намояд. Чунин тарзи муносибат низ метавонад ҳисси кунҷковӣ ва шавқмандии хонандагонро ба осори бадеӣ бештар кунад.

*Дилноза РАҶАБОВА,*
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷикии МТМУ №7-и ноҳияи Мастчоҳ*

ФИШУРДАИ МАТОЛИБИ ОМӮЗГОРОН

# Номаҳои саршор аз меҳру садоқат

*Тайи моҳҳои охир матолибу мақолаҳои ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» фиристодаи хонандагону ҳаводорони нашрия асосан ба мавзуъ масоили хештаншиносӣ ва эҳсоси волои ватандӯстӣ, мазаммату интиқод аз равияҳои сиёсии зиддибашарӣ ва амалҳои ифротгароёнаи аъзои ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, тарғибу талқини ғояҳои инсондӯстӣ, ҳамовозӣ аз сиёсати созандаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, муаррифии дастоварду муваффақиятҳои аҳли маорифи кишвар, усулу шеваҳои мухталифи таълиму тадрис ҳангоми баргузор намудани машғулиятҳо, тавсифу ситоиши омӯзгорони соҳибтаҷриба ва фаъолияти серпаҳлуи онҳо ва амсоли инҳо бахшида шудаанд.*

Иддае аз муаллифон дар иртибот ба масоили таълиму тарбия ва роҳҳои судманду самарабахш гардондани он, шеваҳои ҷолиби тарбияи хонандагон дар партави Паёми Пешвои миллат, дар баробари ибрози андешаву мулоҳизоташон, ҳамчунин, пешниҳодҳои худро баён медоранд, ки шоистаи дастгирию омӯзиш мебошад. Аз ҷумла, мудири бахши идоракунии сифати таҳсилоти коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдулқосим Раҳимов дар навиштаи худ – «Паёми ояндасози миллат», мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ Ҷ.Алиҷонов ва декани факултети иқтисодӣ М.Нуриддинова – «Паёми Пешвои миллат ҳамчун заминаи таъмини рушди иқтисодии босуботи кишвар» (ба сабаби зикр нашудани номи донишгоҳ ё донишкада аз чопаш худдорӣ кардем), дотсенти ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров М.Собиров ва М.Абдухоликзода – «Паёми нусратофари Пешвои миллат», устоди ҳамин донишгоҳ М.Икромова – «Паём - равшангари имрӯзу фардои миллат», устодони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии донишгоҳи мазкур – «Паёми Пешвои миллат - дастур ва роҳнамои миллат», омӯзгори МТМУ №17-и ноҳияи А.Ҷомӣ Саймаҳмад Султонов, ходими илмии ПРМ АТТ Баҳром Зулфонов бозгӯйии нуктаҳои Паёми Пешвои миллат мебошанд, ки мо ба ин ҳамкоронамон миннатдории худро сидқан баён месозем. Бархе аз мавзуоти муаллифон фарогири мавзуоти иҷтимоию иқтисодӣ ва тавсифу ситоиши хидматҳои беназири таърихии Сарвари давлат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Мақолаҳои муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ (кадом донишгоҳ ё донишкада – номаълум) Хусравҷон Мирзоев, дотсенти ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Т.Каримова, Ш.Кӯчибоев, муаллими калони ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Фирдавс Раҳимов, муаллими ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Муқаддас Ҳомидҷонова, мудири шуъбаи тарбия ва робита бо ҷомеаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Хайём Муслимзода, омӯзгори МТМУ №31-и ноҳияи Хуросон М.Алимардонов (ҳамзамон, гурӯҳи омӯзгорони ноҳияи Хуросон), рӯзноманигор Шарифхон Тиллоев ва чанди дигар аз ҳамин қабил махсуб меёбанд. Гурӯҳе аз ҳамкорони нашрия дар хусуси санаю ҷашнҳои миллӣ мақолаҳо навишта, атрофи сабабу омилҳои таҷлил ва муҳимияти ин идҳо, нақши санаю рухдодҳои таърихӣ дар тарбияи хештаншиносию меҳанпарваронаи насли наврас ва ҷавонон андешаронӣ намудаанд. Ба ин гурӯҳ матлабҳои «Тасвири парчам дар шеъри имрӯзи тоҷик» (ба сабаби номаълум будани муаллифу нишонии ӯ аз чопаш даст кашидем), мушовири шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб Маҳҷабин Ҳусейнзода – «Парчами давлатӣ-ҳастии миллати тоҷикон», дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ (кадом донишкада ё донишгоҳ – номаълум) А.Бердишукурова ва ғайра дохил мешаванд. Мутаассифона, аксари ин навиштаҳо ба замми умумигӯйию такрори андешаҳо хеле дер ба мо дастрас гардиданд. Теъдоде аз мақолаҳои муаллифон ба танқиду мазаммати ҳаракату равия ва гурӯҳҳои иртиҷоии террористию экстремистӣ бахшида шудаанд, ки навиштаҳои дотсенти ДДХ ба номи ба номи академик Бобоҷон Ғафуров М.Собиров, омӯзгори литсейи №2-и шаҳри Душанбе Низомиддин Ҷумъаев, омӯзгори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Фирӯза Абдураҳмонова, устоди ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Сорбон Амаков аз ин зумра ба шумор мераванд.

Тарбияи маънавии насли ҷавон аз самтҳои умдаи фаъолияти омӯзгорону устодони муассисаҳои таълимии кишвар ба ҳисоб рафта, дар ин хусус эшон бардошту мушоҳидаҳои худро, ки аз таҷрибаи корияшон бармеояд, рӯйи сафҳа овардаанд. Навиштаҳои омӯзгори МТМУ №2-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Азиза Ҳакимова, омӯзгорони коллеҷи техникию омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ Бибикалон Наимова ва Амиршозода Зуришои Акобиршо, рӯзноманигор Сайфулло Маҳкамов, директори муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии «Афсонаи Шаҳло»-и ноҳияи Зафаробод Умедбахт Ҳоҷибеков, омӯзгори ДДОТ ба номи С.Айнӣ Замира Абдуллоева, директори МТМУ №70-и ноҳияи И.Сомонӣ Файзулло Исмонов, омӯзгори МТМУ №16-и ноҳияи Варзоб Ш.Воҳидова, омӯзгор Ҳотамалӣ Раҳматов (суроға номаълум), омӯзгори МТМУ №8-и ноҳияи Шаҳринав Фирӯза Асфияева, омӯзгори забони русии МТМУ №3-и ноҳияи Варзоб Нигора Ҷумъаева, директори МТМУ №91-и ноҳияи Рӯдакӣ Фаррух Гурезов, омӯзгори МТМУ «Мактаби байналмилалии Контакт», шаҳри Исфара Абдумуталим Шерматов ва ғайра тақвиятбахши гуфтаҳои мост. Бахши дигари маводи ба мо дастрасшуда доир ба масоили адабӣ ва пажуҳиши илмӣ мебошад. Матолиби адиб Сулаймон Эрматов – «Шоири ҷаҳоншинохта», номзади илмҳои филологӣ Раҷабалӣ Худоёрзода – «Тахаллус дар ашъори Рӯдакӣ», олим ва муҳаққиқ Ҷамолиддин Саидзода – «Рӯдакӣ ва Айнӣ», таҳияи Р.Худоёрзода «Зафарнома»-беҳтарин панднома», омӯзгор Қурбон Ҷомӣ аз ноҳияи Файзобод - «Қиссаҳои холаи Зарафо», омӯзгори коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи А.Рӯдакӣ Додихудо Холмадзода – «Шоири муосири тоҷик ва меросбари Айнӣ», устодони коллеҷи политехникии ноҳияи Зафаробод А.Зарифӣ ва Р.Пиракова – «Тӯрон Туркистон нест, рӯзноманигор С.Маҳкамов – «Хоҳари Бобоҷон Ғафуров устоди ман буданд» ва ғайра мутааллиқ ба ин мавзуъ мебошанд.

**Мо, кормандони ҳафтанома, аз хонандагони мухтарам чанд хоҳиш дорем. Нахуст, чунонки борҳо таъкид карда будем, устодону омӯзгорон ба ҳаҷми навиштаҳои худ бояд эътибори ҷиддӣ зоҳир намоянд, зеро бахши аъзами мақолаҳои ирсолнамудаи эшон аз 6 то 8 саҳифа ва аз ин ҳам зиёд мебошад. Имкони дар чунин шакл ба табъ расондани маводро нашрия надорад.**

**Аз ин рӯ, навиштаҳои шумо, муаллифони мухтарам, набояд аз 3-4 саҳифаи компютерӣ зиёд бошад. Дигар мушкиле, ки ба таври ҳамешагӣ рӯ ба рӯи мо қарор мегирад, ба гунаи мукаммал сабт нагардидани ному насаб, вазифаю ҷойи кор, нишонии омӯзгорон ва ҳаводорони ҳафтанома мебошад. Чанд гоҳи охир баъзе устодону омӯзгорон ному насаб ва кафедраю факултетеро, ки дар он ҷо ба фаъолият машғуланд, сабт мекунанд, аммо исми донишкадаву донишгоҳро сарфи назар мекунанд. Барои минбаъд зикр кардани рақами телефони худро низ набояд фаромӯш кард. Боқӣ ба шумо, ҳамкорони нашрия, дар фаъолият ва иншои мақолаю матолиби рангину ҷолиб ва ибратомӯз барору муваффақият хоҳонем.**

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»*

*Оне, ки ҳатто як соати зиндагиро ба беҳуда медиҳад, ҳеҷ нафаҳмидааст, зиндагӣ чи қимате дорад.*
*Гогол*



МАОРИФИ ҶАҲОН

## Дар Федератсияи Россия Фонди луғати миллӣ таъсис дода мешавад

Таъсиси ин фонд бо ислоҳот ба Қонуни федералии «Дар бораи забони давлатии Федератсияи Россия», ки ҳукумат ба Думаи давлатӣ ворид кардааст, пешбинӣ шудааст. Лоиҳаи қонун бояд аз 1 январи соли 2025 эътибор пайдо кунад.

Фонди миллии луғат манбаи дастрас ва тасдиқшудаи иттилоот дар бораи забони адабии муосири рус хоҳад буд. Таъсиси манбаи ягонаи рақамӣ бо маълумот аз луғатҳои забони русӣ, ки дар тӯли се садаи охир тахия шудаанд, имкон медиҳад, ки мушкилоти илмию таълимӣ ҳалли худро ёбад. Истифодабарандагон метавонанд дониши худро дар бораи забони русӣ ва сатҳи донистани меъёрҳои он санҷанд, васлаи такмили малакаҳои нутқ забон ва имкони пешгирӣ аз истифодаи нодурусти воҳидҳои забониро пайдо кунанд.



## Аввалин мактаби виртуалӣ дар Ҷопон

Корпоратсияи таълимии Ҷопон Seeisha Gakuin ба қабули донишҷӯёни дохилию хориҷӣ дар моҳи апрели соли 2024 дар мактаби миёнаи Юши Кокусай шуруъ кардааст. Ба гуфтаи Aomine Next, як ширкате, ки ҳалли марбут ба воқеияти виртуалӣ, графикаи компютерӣ ва метаверсро таҳия мекунад, курс мувофиқи қонун дар бораи таҳсилоти мактабӣ ва талаботи муқаррарнамудаи Вазорати маориф, фарҳанг, варзиш, илм ва технологияи Ҷопон амалӣ карда мешавад.

Тибқи эълон, курси Metaverse Student ба ҳамаи донишҷӯён таҷҳизоти ройгони виртуалиро пешкаш мекунад ва ба сифати алтернативӣ бо абзорҳои занги видеоӣ, ба монанди Zoom, дарсҳои онлайн дар синфхонае, ки дар фазои Metaverse сохта шудааст, гузаронида мешаванд.

Хонандагон барои кор бо онҳо аз платформаи VR «Planet» истифода хоҳанд кард, ки таҷриба дар истифодаи ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ширкатҳои инфрасохторӣ ва инчунин, микроблоги паҳншудаи SNS «misskey» дорад. Илова бар ин, барномаи таълимӣ тавсияҳои гуногуни фардӣ, аз нав дида баромадани синфҳои мактаби миёна то имтиҳони дохилшавӣ ба Донишгоҳи Токиоро дар бар мегирад. Пас аз хатм ҳамаи хатмкардагон соҳиби ҳуҷҷатҳои расмӣ мешаванд.



## Дар Украина баъзе донишгоҳҳо барҳам мехӯранд

Вазорати маориф ва илми Украина имкони барҳам додани бархе аз донишгоҳҳоро ба далели ду баробар коҳиш ёфтани шумори хатмкунандагони мактабҳо баррасӣ мекунад. Дар ин бора муовини вазири маориф ва илми ин давлат Михаил Винницкий хабар додааст.

Ба гуфтаи ӯ, Вазорати маориф ва илми Украина аллакай лоиҳаи Қонун «Дар бораи шартҳои таҷдиди шабакаи мактабҳои олӣ»-ро таҳия кардааст, ки коҳиши теъдоди донишгоҳҳоро низ дар назар дорад. Винницкий, ҳамчунин, қайд кард, ки имсол дар Украина ҳудуди 360 ҳазор хатмкунандаи мактабҳо буданд, дар ҳоле ки дар соли 2008 теъдоди онҳо ба 640 ҳазор нафар мерасид.

«Пешгӯиҳои минбаъда низ тааcсуфоваранд. То соли 2033 мо тақрибан 300 ҳазор хатмкунанда хоҳем дошт», - афзуд муовини вазири маорифи Украина.

Ӯ қайд кард, ки дар ҳоли ҳозир дар Украина ба ҷуз аз 100 муассисаи таҳсилоти олии хусусӣ ва 40 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ таъсис ва маблағгузорӣ мешаванд. Винницкий иброз дошт, ки дар натиҷаи ислоҳот дар маҷмуъ, тақрибан 100 мактаби олӣ боқӣ мемонад.

*Таҳияи Н. ОХУНЗОДА, «Омӯзгор»*

ЭЪЛОН

## Маркази барномаҳои байналмилалӣ қабули ҳуҷҷатҳоро ба донишгоҳҳои Қазоқистон, Беларус, Туркия, Чин ва Эрон эълон мекунад

Маркази барномаҳои байналмилалӣ аз рӯйи зинаи бакалавриат, магистратура, аспирантура ва докторантура ҳуҷҷатҳои довталабонро ҷиҳати қабул шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Беларус, Туркия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Эрон оғоз намуд.

Барои довталабоне, ки дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Беларус таҳсил намудан мехоҳанд, интихоби ихтисосу донишгоҳ озод буда, танҳо таҳсили ройгон пешниҳод гардида, дигар хароҷот аз ҳисоби довталабон амалӣ мегардад.

Барои довталабоне, ки дар Ҷумҳурии Мардуми Чин, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Туркия таҳсил намудан мехоҳанд, тамоми хароҷот – таҳсилу буду боши довталаб аз ҳисоби бурсияҳои пешбинишуда ба таври ройгон амалӣ мегардад.

Ҳамчунин, Донишгоҳи Аз-Заҳрои Ҷумҳурии Исломии Эрон низ барои духтарони узви тимҳои миллии варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2024-2025 бурсияҳои таҳсилӣ ҷудо намудааст. Қабули ҳуҷҷатҳо ба Донишгоҳи Аз-Заҳрои Ҷумҳурии Исломии Эрон то 20 феврали 2024 идома меёбад.

Қабули ҳуҷҷатҳо ба Ҷумҳурии Туркия то 10 феврали соли 2024 идома меёбад.

Қабули ҳуҷҷатҳо ба Ҷумҳурии Мардумии Чин то 20 апрели соли 2024 идома меёбад.

Қабули ҳуҷҷатҳо ба Ҷумҳурии Қазоқистону Беларус ва Ҷумҳурии Исломии Эрон то 1 майи соли 2024 идома меёбад.

Барои гирифтани маълумоти бештар ба Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» (суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода – 47) муроҷиат намоед.

**Телефон барои тамос: +992 372 232359**

## Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**барои ишғоли вазифаҳои мудири кафедраҳои зерин озмун эълон менамояд**

**Мудири кафедра – 18 ҷой**

| | |
|---|---|
| – фалсафа | 1 ҷой |
| – умумидонишгоҳии психология | 1 ҷой |
| – умумидонишгоҳии забони русӣ | 1 ҷой |
| – фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо | 1 ҷой |
| – мудофиаи граждан | 1 ҷой |
| – математика ва методикаи таълими он | 1 ҷой |
| – физикаи умумӣ ва назариявӣ | 1 ҷой |
| – илмҳои компютерӣ | 1 ҷой |
| – забоншиносӣ ва таърихи забон | 1 ҷой |
| – адабиёти тоҷик | 1 ҷой |
| – журналистика | 1 ҷой |
| – забонҳои хориҷӣ | 1 ҷой |
| – методикаи таълими забонҳои хориҷӣ | 1 ҷой |
| – химия ва методикаи таълими он | 1 ҷой |
| – биология ва методикаи таълими он | 1 ҷой |
| – таърихи халқи тоҷик | 1 ҷой |
| – забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ | 1 ҷой |
| – ҳуқуқшиносӣ | 1 ҷой |

**Номзадҳо бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:**
– донистани қонун ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии МТОК;
– донистани асосҳои илми педагогика ва психология;
– кор кардан дар компютер ва шабакаи интернет;
– донистани ҳатмии забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;
– қобилияти коммуникативӣ ва ташкилотчигӣ.

**Барои иштирок дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин тақозо мешавад:**
– ариза ба номи ректори донишгоҳ оид ба иштирок дар озмун;
– варақаи шахсӣ;
– нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (доштани собиқаи беш аз 5-солаи корӣ дар соҳаи маориф ва илм);
– ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дараҷаи илмӣ (ҳадди ақал номзади илм);
– рӯйхати маводи нашрӣ дар 5 соли охир;
– нусха аз ҷаласаи Шурои олимони факултет (барои кормандони донишгоҳ).

**Ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун то 15.02.2024 қабул карда мешаванд.**

**Нишонӣ:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кӯчаи С. Сафаров – 16, **тел.:** 2-35-06; 2-35-09. **E-mail:** info@kgu.tj, www.kgu.tj

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи А №088051 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1996 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Раҳмонова Фируза Абдураҳимовна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №0008828, ки онро соли 2014 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Сангвор ба Худоёрзода Моҳви Балаҷон додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №1001597, ки онро соли 2022 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Айнӣ ба Муинова Шукрона Ҷамшедовна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи А №215202 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1993 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №107-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Халилова Азиза Алиевна додааст, эътибор надорад.

ОМӮЗГОР
ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИ ИЮНИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

И.В. САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Зиёдулло АБДУЛЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД (муҳаррири шуъба)
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57 (муҳаррири шуъба)
Салима МӮСОЕВА (муҳаррири шуъба)

МУХБИРОНИ МИНТАҚАВӢ
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Шарифи АБДУЛҲАМИД, Сухроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Набиҷон НАБИЕВ 225-81-61 (масъули обуна)
Мадина ДИЛОВАРОВА (ҳуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба ҳотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

**Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплекси «Шарқи озод» ба табъ расид.
**Индекси обуна:** 68850.
**Адади нашр:** 41544 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора: Ҳ. Ҳомид